**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 32.019.5:351.86 (575.3)**

**САИДЗОДА ДИЛОВАР АБДУЛАҲАД**

# НАБАРДҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ

**(дар мисоли Тоҷикистон)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси**
**5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва**
**технологияи сиёсӣ**

**Бохтар-2026**

**Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.**

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Назарзода Пиралӣ Сафар**– доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ<br>**Саидов Ҳомид Саидович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон<br>**Саидов Абдулманон Сатторович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино |
| **Муассисаи пешбар:** | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» |

Ҳимояи диссертатсия «04» июли соли 2026, соати «$13^{00}$» дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ
Email: sanginov1953@mail.ru

Сангинов Н. Н.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инқилоби иттилоотӣ барои ҳар навъ давлат, аз ҷумла барои Тоҷикистон низ таъсири мусбати худро расонидааст. Аммо ин ҳолат ҳеҷ вақт тавсифӣ, мутлақ буда наметавонад. Рушди ҷомеа ва гузариши он аз сатҳи мутташаккилсози муносибатҳои навъи анъанавӣ ба сатҳи муосиру иттилоотӣ ва иртиботӣ дар баробари таъсири мусбати худро барои давлатҳо, ҷомеаҳо ва шахс, инчунин таъсири манфии худро дорад. Вобаста ба он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонист хоҳу нохоҳ зери таъсиррасониҳои манфии ин тамоюли рушди инқилоби иттилоотӣ қарор мегирад.

Мавриди таззакур аст, ки дар давраи муосири таҳаввулоти ҷаҳонӣ афзоиши бесобиқаи технологияҳои иттилоотиву рақамӣ фазои фаъолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амниятии ҷаҳони муосирро ба таври бунёдӣ тағйир дода, ба пайдоиши шаклҳои нави рақобат, бархӯрд ва мубориза ҳои сиёсӣ, махсусан геополитикӣ замина фароҳам овардааст. Дар чунин муҳит набардҳои иттилоотӣ аз шакли марҳилавии мубориза и таблиғотиву ташвиқотӣ ба унсури фаъол ва таъсирноки рақобати сиёсӣ табдил ёфтаанд, ки самтгирии онҳо ҳам ба сатҳи миллӣ ва ҳам ба муҳити байналмилалӣ вобаста мебошад. Мавзӯи таҳқиқоти мо маҳз аз ҳамин воқеияти нави сиёсӣ маншаъ гирифта, зарурати илмӣ ва амалӣ доштани омӯзиши раванди тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Шиддат гирифтани рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавии иттилоот боис гардидааст, ки доираи анъанавии амнияти миллӣ дигар баёнгари комилан возеҳи масирҳо, хатҳо ва марзҳои муҳофизатӣ наметавонад бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Паёми солонаи 26 январи соли 2021 ба масъалаи экстремизми иттилоотӣ-шабакавӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд карда буданд, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд» [239]. Таъкиди мазкур ба мубрамии омузиш ва таҳқиқи масъалаи «Набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ» асос ва заминаи қавии илмӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, мубрамии таҳқиқи мавзуро дар ишора намудани нуктаҳои зерин асоснок кардан муҳим мебошад:

1. Дар шароити афзоиши майдони набардҳои иттилоотӣ ва мубориза ҳои геополитикии муосир, амнияти иттилоотӣ ба парадигмаи асосии таъмини истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ҳар гуна таҳриф, «фейк-иттилоот»-ҳои сиёсӣ, паҳншавии иттилооти хосияти манипулятсионӣ, тарғиботи зиддидавлатӣ ё дахолати иттилоотии хориҷӣ

метавонад суботи дохилӣ ва равандҳои идоракунии давлатиро ба таҳдиду хатарҳо рӯ ба рӯ гардонад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии усулҳои нави набардҳои иттилоотӣ ва механизмҳои пешгирӣ аз онҳо барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Маҳз дар чунин фазои тағйирёфта набардҳои иттилоотӣ ба унсури муҳимми таъсиррасонии сиёсӣ ва геополитикӣ табдил ёфта, имконият медиҳанд, ки тавассути иттилоот, маърифати оммавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои рақамӣ ва технологияи зеҳни сунъӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ, ба равандҳои дохилӣ ва ба сохтори идоракунии давлатҳо таъсири бевосита расонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи таҳкими давлатдорӣ, густариши истиқлолияти сиёсӣ ва тақвияти амнияти иттилоотӣ қарор дорад, омӯзиши илмии ин равандҳо аҳамияти муҳимми стратегиро касб мекунад;

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Набардҳои иттилоотӣ дер боз дар амалияи муборизаҳои сиёсӣ истифода гардидаву мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Танҳо тавсеаи онҳо дар шароити таҳаввули технологияҳои рақамӣ диққати бештари илмӣ ва аҳамиятнокии омузиши онро дар сатҳ ва доираҳои гуногуни илмӣ махсус гардонидааст. Таҳлили адабиёти илмӣ ва манбаъҳои назариявию амалии соҳаи амният ва сиёсати иттилоотӣ нишон медиҳад, ки масъалаи тавсеа ва тағйирёбии набардҳои иттилоотӣ дар фазои рақамӣ дар давраи муосир ҳамчун мавзӯи бисёрҷанба ва байнисоҳавӣ ҳанӯз ба таври комил ва системавӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст. Омузиши адабиёти илмие, ки ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ алоқаманданд, ба якчанд гуруҳҳо ҷудо кардан мумкин мебошад.

**Гуруҳи аввали** адабиёт таҳқиқоти илмӣ, асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ворид мегарданд. Онҳо дар омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои мухталифи инкишоф ва рушди давлату ҷомеаи Тоҷикистон, дарёфти роҳу воситаҳои муҳими таъмини амнияти кишвар ва олами муосир мақоми хосаро ишғол намудаанд [2; 3; 4].

**Ба гуруҳи дуюми** адабиёт осори классикии мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ ташкил медиҳанд, ки таълимоти онҳо барои дарки моҳияти давлатдорӣ, фаҳмиши манфиатҳои стратегии давлат, таъмини устувории низоми сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ аҳамияти назариявию методологии хосса доранд. Дар заминаи мавзуи таҳқиқ «Набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ» масъалаҳои давлатдорӣ, фаҳмиши манфиатҳои стратегии давлат, таъмини устувории низоми сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ муҳим мегарданд, ки атрофи он осорҳои Сун Тзи [19], Арасту [5], Фукидид [23], Ф. Бэкон [6], Н. Макиавелли [14], М. Вебер  [7], Хосе Ортега-и-Гассет [24], К. Клаузевитс [11], Г. Лебон [13], К. Маркс [16], В.И. Ленин  [12], Л.Д. Тротский [21] ва дигар мутафаккирон ҳамчун заминаҳои назариявии шарҳу тавзеҳи табиати муборизаҳо ва рақобат дар фазои сиёсиву стратегӣ арзиши бузурги методологӣ пайдо мекунанд. Дар осори классикӣ қонуниятҳои ташаккули

ҳокимияти давлатӣ, усулҳои ҳифзи суботи сиёсӣ, механизмҳои пешгирии ихтилофу низоъ ва роҳҳои таҳкими иқтидори сиёсиву иқтисодии давлат ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд, ки ин таҳлилҳо дар таҳқиқи падидаи муосири набардҳои иттилоотӣ низ аҳамияти меҳварӣ доранд. Зеро, он афкори классикӣ оид ба стратегия, ҳокимият, амният ва идоракунии ҷомеа имрӯз ҳам дар муҳити рақамӣ ва дар раванди ташаккули шаклҳои нави рақобати иттилоотӣ бозтафсир мегарданд.

**Гурӯҳи сеюми** адабиётро осору таҳқиқоти пажӯҳишгароне ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаи таҳдидҳои иттилоотӣ ва шаклҳои гуногуни зоҳирёбии онҳо дар муҳити рақамӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин осорҳо падидаҳои набардҳои иттилоотӣ, ҳамлаҳои иттилоотӣ, бархӯрдҳои иттилоотӣ, механизмҳои манипулятсионӣ, иғвоангезӣ ва технологияҳои ташаккули инқилобҳои «ранга» ҳамчун шаклҳои муосири амалисозии набардҳои иттилоотӣ дар заминаи рушди василаҳои рақамӣ таҳлил мешаванд. Дар омӯзиши ин равандҳо саҳми як қатор олимон, аз ҷумла И.Н. Панарин [18], А.А. Бартош [35], А.А. Малюк [44], В.А. Минаев [44], А.А. Смирнов [54], А.В. Манойло [45], Е.А. Жидко [39], О.Е. Головатская [36], А.А. Романов [49], В.В. Шибаев [67], В.Ю. Осипов [47], И.П. Добаев [37]. ва дигарон назаррас мебошад.

И.Н. Панарин, А.А. Бартош ва А.В. Манойло моҳият ва хусусиятҳои муҳими набардҳои иттилоотиро дар сатҳи назариявию амалӣ таҳқиқ намуда, роҳҳо, усулҳо ва технологияи амалисозии амалиётҳои иттилоотиро дар муҳити рақамӣ шарҳ додаанд. Дар навбати худ, О.Е. Головатская ва А.А. Романов масъалаи паҳнсозии иттилооти носаҳеҳ ва иғвоангезиро баррасӣ намуда, онҳоро ҳамчун омилҳои бесуботкунанда ва таҳрикдиҳандаи ноороми иҷтимоӣ маънидод кардаанд.

**Ба гуруҳи чоруми** адабиёт осорҳое ворид мегарданд, ки атрофи зарурати соҳибистиқлолии иттилоотӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ вобаста ба рушди технологияҳои рақамӣ, зиёд гардидани таҳдиду хатарҳои пайваст бо иттилоот ва шабакаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳои террористӣ, экстремисти шабакавӣ, радикализми интернетӣ, киберҷиноятҳо таҳлил гардидаанд. Ба монанди В. П. Сабадаш [66], Г.О. Крилов [60], М.М. Кучерявий [43], Д.С. Артамонов [31], Л.Ю. Черняк [58], С.В. Черниченко [27], Н.И. Палиенко [17], Л. Дюги [38], С. Саблер [50], А. Баранов [34], Е.Г. Зорина [40] ва дигарон.

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои илмию таҳқиқотии пажӯҳишгарони ватанӣ, ки дар самти таҳқиқи масъалаи тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ афзалият доранд, ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти ин донишмандон паҳлуҳои мухталифи таҳдидҳои вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла хатарҳои экстремизми сиёсии шабакавӣ, кибертерроризм ва радикализми динии шабакавӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, таҳдидҳои идеологӣ дар фазои иттилоотӣ ва дигар шаклҳои нави таъсиррасонӣ ба амният ва истиқлолияти иттилоотии Тоҷикистон

мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Осори А.Н. Муҳаммад [46], Г.Н. Зокиров [8; 9; 10], С. Ятимов [29; 30], С.И. Шарипов [59], М.У. Хидирзода [25; 42], Р.Ҷ. Ҳайдаров [56], А.Ғ. Холиқзода [26], А.Ё. Комилбек [42], Х.Қ. Сафарализода [52; 53; 61], Ф.А. Холиқов [62], Н. Асламзода [32; 33] ва дигар пажӯҳишгарони ватанӣ дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таҳдидҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иттилоотии давраи муосир аҳамияти назариявию амалии арзанда доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар мавзуи «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2021 - 2025) гузаронида шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур аз руйи муҳтавои худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «амнияти иттилоотӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «кибертерроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар баробари ин таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба муҳтавое, ки дорад ба мавзуҳои пешбтнишудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, таҳти №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «технологияҳои рақамӣ», «идоракунии самараноки технологияҳои рақамӣ», «зеҳни сунъӣ», «ивази вазифаҳои соҳаи хизматрасонии давлатӣ ба зеҳни сунъӣ», «технологияҳои коммуникатсионӣ ва амнияти иттилоотӣ», «баланд бардоштани устуворӣ ва амният», «амнияти қабул, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди иттилоот», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» ва ғайра барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** таҳқиқи ҳамаҷониба ва тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва арзёбии шиддати таъсири онҳо ба инкишофи ҷомеа. Барои амалӣ намудани мақсадҳо ва мушаххассозии моҳият ва таъсири набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ иҷроиши вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо;
- баррасии набардҳои иттилоотӣ ва мақоми иҷтимоию сиёсии онҳо дар низоми муносибатҳои сиёсӣ;

- арзёбии амалии вазъи нақши набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои бевоситаи онҳо дар шароити муосир;

- асоснок намудани рушди технологияи рақамӣ ва аҳамияти он барои кишварҳо;

- дида баромадани самтҳои мухталифи амалишавии набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди рақамикунонӣ;

- асоснок намудани тамоюлоти таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи технологияи рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ;

- арзёбӣ намудани рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои Интернет;

- дида баромадани таъсири ҳуҷумҳои сиёсии иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ;

- таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва баҳси набардҳои иҷтимоию сиёсӣ;

- кушода додани бархӯрди манфиатҳо дар платформаҳои иттилоотӣ, хосият ва моҳияти онҳо;

- асоснок кардани соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва хусусиятҳои бевоситаи таъмин ва таҳкими он;

- баррасии таъмини амният, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳияи сенарияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ;

- дида баромадани афзоиши набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баррасии паёмадҳои эҳтимолии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар набардҳои иттилоотии муосир ва муайян кардани майдонҳои осебпазири фазои рақамӣ;

- арзёбӣ намудани хатарҳои шабакавӣ дар раванди таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** - набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқотро** таҳлилу таҳқиқи илмии раванди набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияи рақамӣ ва мушаххаснамоии таъсири онҳо дар мисоли Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Масъалаи тавсеаи набардҳои иттилоотӣ ҳамчун баҳси марказии таҳқиқоти зерини диссертатсионӣ бар он асос ёфтааст, ки рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ба табиат, шаклҳо ва механизмҳои амалии набардҳои иттилоотӣ таъсир расонида, онҳоро ба як воситаи муассири рақобати сиёсӣ, таъсиррасонии идеологӣ ва ҳамлаи ғайрианъанавии иттилоотӣ табдил додааст. Дарк карда мешавад, ки дар чунин муҳит набардҳои иттилоотӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, алгоритмҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, муҳаррикҳои тавсиявӣ ва муҳтавои ҳадафмандона имкони тағйир додани афкори ҷамъиятӣ, самтгирии рафтори сиёсӣ ва устувории амнияти давлатро ба вуҷуд меорад. Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рақамикунонӣ, механизмҳои миллии

назорат, ҳимоя, танзим ва мустаҳкамсозии истиқлолияти иттилоотӣ мутобиқ ба воқеияти нави рушд ва таҳаввули муҳити иртибототӣ ва рақамиву иттилоотӣ такмил дода нашаванд, пас имкони афзоиши таъсири манфии набардҳои иттилоотӣ, паҳншавии иттилооти таҳрифшуда, манипулятсияҳои сиёсӣ, таъсиррасонии равонӣ ва афзоиши таҳдидҳои ғайрианъанавии амниятӣ ба сатҳи назаррас хоҳад расид. Тахмин меравад, ки баръакс, дигаргунсозии илмӣ ва мутамаркази сиёсати амнияти иттилоотӣ метавонад сатҳи осебпазирии рақамиро коҳиш дода, устувории сиёсӣ, амнияти миллии иттилоотӣ ва суботи ҷомеаро таъмин намояд. Аз ин рӯ, фарзияи мазкур метавонад ба самтҳои илмӣ-тадқиқотӣ табдил додани набардҳои дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии ин таҳқиқотро пеш аз ҳама силсилаи андешаҳои мутафаккирону равшанфикроне ташкил медиҳад, ки дар давраҳои гуногуни рушди тамаддун моҳияти иттилоот, набардҳои иттилоотӣ, қудрат, идоракунӣ ва мубoризаҳоро шарҳ додаанд. Андешаҳо ва таълимоти Арасту оид ба табиати муносибатҳои сиёсӣ, мулоҳизаҳои амиқи Фукидид доир ба рақобати геополитикӣ, андешаҳои Ф. Бэкон дар бораи қудрати дониш, таълимоти мантиқию сиёсие, ки Н. Макиавелли дар мавриди идоракунии давлат ва истифодаи иттилоот ҳамчун абзори ҳокимият баён кардааст, андешаҳои В.А. Лисичкин ва Л.А. Шелепин, М.Ю. Павлютенкова ва Д.А. Швец, С. Ятимов, Г.Н. Зокиров, А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода, И.Н. Панарин, И.А. Михальченко барои асоси назариявии фаҳмиш оид ба табиати набардҳои иттилоотӣ хизмат мекунанд. Дар доираи ин асосҳои назариявӣ ҷойгоҳи консепсияҳо ва мафҳуми «соҳибихтиёрии иттилоотӣ» низ таъкид мегардад, ки онҳо ба таҳқиқи имкониятҳо ва маҳдудиятҳои давлатҳо дар ҳимояи мустақилияти иттилоотӣ дар фазои рақамӣ мусоидат менамоянд. Назарияҳои муосири «амнияти рақамӣ», «идоракунии хатарҳои иттилоотӣ», «таҳлили амалиётҳо ва стратегияи набардҳои иттилоотӣ», «манипулятсияи равонӣ ва иҷтимоӣ», «консепсияи амалиёти иттилоотию равонӣ (PIO/PSYOPS)» низ дар ин таҳқиқот мавқеи муҳим пайдо кардаанд. Махсусан назарияи «network society» имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоӣ-технологии паҳншавии иттилоот, қобилияти шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва зарурати аз нав дида баромадани сиёсати амнияти иттилоотӣ амиқ таҳлил карда шавад.

Асосҳои назариявӣ ба таври фарогир инчунин ба таҳлилҳои П. Вирилио оид ба «суръати иттилоот», М. Кастеллс дар бораи «ҷомеаи шабакавӣ», У. Бек дар бораи «ҷомеаи хатардор», ва пажӯҳишҳои муосир дар бораи таъсири алгоритмҳо, зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба раванди сиёсӣ такя мекунанд. Ҳамаи ин ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ дар маҷмӯъ барои таҳқиқи мукаммали раванди тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба амнияти

иттилоотӣ ва рушди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори илмӣ фароҳам меоранд.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба маҷмӯи равишҳо, усулҳо ва принсипҳои илмӣ такя кардан муҳим мебошад. Он имконият медиҳанд падидаи мураккаби тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ дар сатҳи назариявӣ ва амалии сиёсӣ мавриди арзёбии амиқ қарор гирад. Методологияи таҳқиқ аввалан ба усули таҳлили системавӣ такя мекунад, ки тавассути он набардҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи як низоми мураккаби муносибатҳои сиёсӣ, амниятӣ, коммуникатсионӣ ва технологӣ баррасӣ мегардад. Усули муҳими дигар таҳлили институтсионалӣ мебошад, ки тавассути он нақши давлат, созмонҳои байналмилалӣ, ширкатҳои технологӣ, ВАО ва платформаҳои иҷтимоӣ дар ташаккул ва танзими муҳити иттилоотӣ арзёбӣ карда мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки механизмҳои таъсиррасонии давлатӣ, сиёсати иттилоотӣ ва марзҳои салоҳият дар фазои рақамӣ муайян гарданд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои геополитикӣ-андозагирии вақти иттилоотӣ истифода мешаванд, зеро набардҳои иттилоотӣ имрӯз аз доираи маҳдудоти миллӣ берун рафта, ба воситаи рақобати байналмилалӣ ва таъсиррасонии стратегӣ табдил ёфтаанд. Бо ин роҳ робитаи байни манфиатҳои геополитикӣ, набардҳои иттилоотӣ, рақобати қудратҳо ва таъсири онҳо ба соҳибихтиёрии иттилоотии давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар илми сиёсии ватанӣ махсусиятҳои асосии набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди воситаҳо ва технологияҳои рақамӣ бо пайваст намудани он ба масъалаи таҳкими заминаҳои амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёри иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ншон дода шудаанд. Натиҷаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонем пешниҳод намоем:

- ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотӣ, бо мақсади ошкорсозии асосҳои илмии ташаккули ин падида таҳқиқу таҳлил карда шуд;
- хусусиятҳои муҳимми назариявӣ ва методологии набардҳои иттилоотӣ ҳамчун шакли муосири рақобати сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба муҳити сиёсӣ баррасӣ гардидааст;
- набардҳои иттилоотӣ дар низоми муосири муносибатҳои сиёсӣ ва таҳлили роҳҳои зухур ва паёмадҳои онҳо барои суботи сиёсӣ арзёбӣ карда шудааст;
- рушди технологияи рақамӣ ва аҳамияти он барои кишварҳо асоснок карда шудааст;
- таъсири ҳуҷумҳои сиёсию иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ дида баромада шудааст;

- хусусиятҳои ба амал омадани набардҳои иттилоотӣ дар давраи рушди технологияҳои рақамӣ ва арзёбии унсурҳои нави онҳо, аз ҷумла алгоритмҳо, зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ кушода дода шудааст;

- бархурди афзоиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар заминаи васеъшавии инфрасохтори рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ кушода дода шудааст;

- таъсири ҳамлаҳои иттилоотию равонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, механизмҳои таъсиргузории онҳо ва паёмадҳои эҳтимолӣ барои суботи сиёсӣ асоснок карда шудааст;

- таъмини амният ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳлили сенарияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ баррасӣ гардидааст;

- афзоиши набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст;

- мазмун, принсипҳо ва механизмҳои устувори таъмин ва таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотии давлат мушаххас карда шудааст;

- пешгирии хавфу хатарҳои набардҳои иттилоотӣ дар марҳилаи рақамикунонӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсиву амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шуд;

- истифодаи технологияҳои рақамӣ дар набардҳои иттилоотии муосир ва муайян кардани майдонҳои осебпазири фазои рақамӣ дида баромада шудааст;

- имкониятҳо, иқтидорҳо ва захираҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ, безараргардонӣ ва коҳиши таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Хусусиятҳои назариявӣ ва методологии набардҳои иттилоотӣ ҳамчун падидаи калидии рақобатҳои сиёсӣ дар шароити муосири сиёсӣ ва воситаҳои таъсиррасонии стратегӣ ба муҳити сиёсӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил гардиданд. Дар раванди баррасӣ собит шуд, ки набардҳои иттилоотӣ сатҳ, механизм ва фаъолияти амалии шабакавие мебошанд, ки дар заминаи муҳити рақамӣ шакл гирифта, ҳадафмандона ба тағйир додани рафтор, афкор ва қарорҳои сиёсӣ равона мегарданд. Ба таври диққиқ набардҳои иттилоотӣ - ин маҷмӯи амалҳо, стратегияҳо ва технологияҳои таъсиррасонии ҳадафмандона ба шуур, афкор, рафтор, қарорҳо ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ мебошанд, ки тавассути тавлид, паҳн, таҳриф ё маҳдудсозии иттилоот, инчунин бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО, алгоритмҳо ва усулҳои равонӣ амалӣ мешаванд. Аз ин ҷост, ки онҳо ҳамчун навъи нави муосири мубориза геополитикӣ ва воситаи рақобати қудрати сиёсӣ дорои аҳамимяти стратегӣ мебошанд, ва омӯзиши онҳо имконият медиҳад, ки динамикаи таъсир, усулҳои манипулятсия ва тарҳи идоракунии иттилоотӣ дар фазои сиёсӣ бо дақиқии илмӣ муайян карда шавад.

2. Омӯзиши илмии масъала нишон медиҳад, ки сохтор, механизм ва шаклҳои амалкунандаи набардҳои иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонии муосир, бо таваҷҷуҳ ба тағйирёбии геополитикӣ ва рушди босуръати инфрасохтори рақамӣ, ба таҳлили фарогири назариявию амалии нав ниёз дорад. Ин таҳқиқот хусусиятҳои муосири паҳншавии таъсиррасонии иттилоотӣ, механизмҳои манипулятсияи рақамӣ ва воситаҳои стратегии муборизаи иттилоотиро дар заминаи рақобати афзояндаи геополитикӣ ба таври амиқ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки намудҳои нави мубориза, аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, шаклсозии афкори ҷамъиятӣ, ҷалбкунии равонӣ, то истифодаи воситаҳои иттилоотофаринии зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба унсурҳои сохтории низоми амнияти сиёсӣ табдил ёфтаанд. Раванди рақамикунонӣ ҳамчун унсури таҳкимбахшандаи низоми иттилоотӣ ва ангезандаи асосии тавсеаи набардҳои иттилоотӣ амал намуда, сохтор ва мантиқи равандҳои сиёсии муосирро ба таври бунёдӣ дигар мекунад. Баррасии назариявию амалии масъала собит сохт, ки рақамикунонӣ на танҳо заминаи техникии навсозии шабакаҳои интиқолдиҳандаи иттилоот ва воситаҳои таъсиррасонии рақамиро фароҳам меорад, балки муҳити иттилоотии идорашавандаро ташаккул медиҳад, ки дар он имконияти бозигарони сиёсӣ барои тавлид, таҳрир, бозсозӣ ва идоракунии муҳтавои иттилоотӣ ба марҳилаи сифатан баландтар мегузарад.

3. Муайян гардид, ки раванди рақамикунонӣ ҳамчун омили бунёдии трансформатсионии низоми иттилоотӣ ва муҳаррики асосии густариши набардҳои иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ ва глобалӣ амал намуда, табиати равандҳои сиёсӣ ва тарҳҳои идоракунии давлатиро ба таври назаррас дигар мекунад. Таҳлил нишон дод, ки рақамикунонӣ, бо тавлиди инфрасохтори нави паҳнсозии иттилоот, такмил ёфтани воситаҳои рақамӣ ва афзоиши имкониятҳои идоракунии иттилоот, шароити сифатан навро барои шаклгирӣ, густариш ва таъсиррасонии стратегии набардҳои иттилоотӣ фароҳам месозад. Дар натиҷа, таъсири рақамикунонӣ ба муҳити сиёсӣ дар шакли тағйири механизмҳои қабули қарор, афзоиши осебпазирии субъектҳои сиёсӣ ба ҳамлаҳои иттилоотӣ ва баланд шудани нақши платформаҳои рақамӣ дар идоракунии рафтори ҷамъиятӣ зуҳур меёбад. Ин ҳолат зарурати бознигарии парадигмаҳои анъанавии амнияти давлатӣ ва ташаккули тарҳҳои мутобиқшавандаи идоракунии сиёсии рақамиро ба миён мегузорад.

4. Шаклгирӣ ва фаъолшавии набардҳои иттилоотӣ дар марҳилаи рушди босуръати технологияҳои рақамӣ хусусияти сифатан нав касб карда, аз чорабиниҳои анъанавии таблиғотӣ ба механизмҳои мураккаби таъсиррасонии рақамӣ табдил меёбад. Муҳити рақамӣ бо ворид намудани унсурҳои инноватсионӣ, аз қабили алгоритмҳои таҳлилгари рафтори корбар, тарҳҳои зеҳни сунъӣ ва инфрасохторҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои тоза ва қобилияти амиқи манипулятсияи афкори ҷамъиятиро ба вуҷуд

овардааст. Ин унсурҳо ҳамчун силсилаи воситаҳои стратегӣ амал намуда, имконияти идора кардани ҷараёни иттилоот, ташаккули рӯйдодҳои сунъӣ ва таҳрикдиҳии рафтори корбаронро дар сатҳи фаромиллӣ фароҳам месозанд.

5. Назарияи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ҷанбаҳои гуногуни ин падида, аз ҳуқуқиву техникӣ то сиёсиву фалсафиро фаро гирифта, моҳияти онро дар тавоноии давлат барои қабули қарорҳои мустақил дар муҳити рақамиву иттилоотӣ таҷассум мекунад. Таҳлили хусусиятҳои асосии ин назария имкон медиҳад, ки аҳамияти он дар ташаккули сиёсати муассири давлатӣ дар бахши амнияти иттилоотӣ ва дар муайянсозии ҷойгоҳи соҳибихтиёрии иттилоотӣ дар сохтори муносибатҳои байналмилалии муосир равшан гардад. Соҳибихтиёри иттилоотӣ ҳуқуқи давлат барои мустақилона ташаккул додани сиёсати иттилоотӣ, идоракунии ҷараёни иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ, новобаста аз таъсири беруна мебошад. Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ҳамагуна ҷузъҳои марбут ба соҳаи иттилоотии давлатро дар бар мегирад

6. Баъди фурӯпошии сохтори сиёсиву иҷтимоии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи ташаккули соҳибихтиёрии давлатӣ ва гузариш ба низоми сиёсиву мафкуравии навро паси сар намуд. Агар ин таҳаввулот аз ҷиҳати ниҳодсозӣ дар давраи нисбатан кӯтоҳ амалӣ шавад, аз ҷиҳати мафкуравӣ ҷомеа то имрӯз марҳалаи гузариши тӯлонӣ ва мураккаберо таҷриба мекунад. Холигии идеологие, ки дар солҳои аввали истиқлол ба вуҷуд омад, ба густариши афкори хориҷӣ, аз ҷумла зоҳиршавии ҳаракатҳои радикалии мазҳабӣ ва гурӯҳҳои интиҳопарасти сиёсӣ мусоидат кард. Ин ҳолат дар шароити набудани таҷрибаи идоракунии мустақили идеологӣ боиси ноороми шадид ва ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Бо густариши бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва фарогирии шабакаҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳои мухталиф, хусусан пас аз ноороmиву бетартибиҳои сиёсӣ дар Шарқи Наздик, имконоти паҳнсозии ғояҳои ифротӣ ва экстремистӣ боз ҳам афзоиш ёфт. Ин муҳити иттилоотии таҳрифшуда ба афзоиши бегонапарастӣ, косташавии ҳувияти миллӣ, дуршавӣ аз арзишҳои фарҳангӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои хатарноки сиёсиву идеологӣ мусоидат кард. Дар чунин шароит барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташаккули низоми мукаммали мафкуравӣ ва идеологии давлатӣ, ки тавонад ҳамзамон ба таҳкими суботи сиёсӣ, ҳифзи истиқлолияти иттилоотӣ ва пешгирии нуфузи таҳдидҳои набардҳои иттилоотӣ мусоидат намояд, аҳаммияти фавқулода касб мекунад. Марҳилаи рақамикунонӣ ин зарулатро боз ҳам шадидтар месозад, зеро набардҳои иттилоотӣ дар муҳити рақамӣ бо суръат, шиддат ва қудрати таъсиррасонии бештар амалӣ мешаванд.

7. Ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ, ташкили дастгоҳи идеологии давлатӣ, таҳкими фарҳанги сиёсӣ, боло бурдани сатҳи иммунитети иттилоотии ҷомеа, такмили механизмҳои танзими платформаҳои рақамӣ ва

рушди саводнокии рақамии шаҳрвандон ба унсурҳои калидии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти пешгирии хавфу хатарҳои иттилоотӣ табдил меёбанд. Ин иқдомҳо метавонанд ҳамчун заминаи устувори коҳиши таъсироти манфии набардҳои иттилоотӣ, монеъ шудан ба ҷараёнҳои радикалӣ ва таъмин намудани суботи устувори сиёсиву амниятии кишвар хизмат намоянд.

8. Равандҳои афзояндаи радикализатсия, тағйирёбии динамикаи амнияти минтақавӣ ва фаъолияти бозигарони геополитикии манфиатдор метавонанд муҳити амниятии кишварро ба таври ҷиддӣ таҳти таъсир қарор диҳанд. Вазъи кунунӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар чорроҳаи рақобатҳои геополитикӣ ва ташаккули муҳитҳои нави киберӣ ҷой гирифтааст, ки дар онҳо омилҳои киберҷинояткорӣ, кибертерроризм, экстремизми шабакавӣ, ҷудоихоҳии иттилоотӣ, таблиғоти интернетӣ ва коррупсияи электронии фаромарзӣ ба ҳамчун намудҳои нави таҳдид зуҳур мекунанд. Таҳлили вазъ зарурати таҳияи сиёсатҳои миллӣ ва санадҳои стратегиро тақозо менамояд, ки тавассути онҳо имкониятҳои давлатӣ дар самти пешгирӣ ва коҳиши таъсири набардҳои иттилоотӣ тақвият дода шаванд. Дар ин замина, эҷод ва татбиқи «Консепсияи таъмини амнияти киберӣ ва таҳкими асосҳои истиқлолияти рақамӣ-киберӣ» ҳамчун ҳуҷҷати муҳими стратегӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ба таҳдидҳои гибридӣ, шабакаи иттилоотӣ ва ҳамлаҳои рақамӣ бо механизмҳои муассюри миллӣ муқовимат намояд. Бо дарназардошти суръати бесобиқаи рушди технологияҳои рақамӣ, истифодаи абзорҳои муосири идоракунии иттилоот, таҳлили хатарҳои киберӣ, таҳкими инфрасохтори ҳифзи иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ метавонанд заминаи муҳими таъмини амнияти миллӣ гарданд. Тоҷикистон бо истифода аз ин воситаҳои муосири иттилоотӣ қодир аст, ки истодагарии муассирро дар муқобили таҳдидҳои иттилоотӣ набардҳои иттилоотии истифодагардида аз технологияи рақамӣ ва киберии фаромиллӣ таъмин кунад ва ҳамзамон имкониятҳои худро барои танзими фазои рақамӣ ва ҳифзи истиқлолияти иттилоотӣ тақвият бахшад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд, дар ташаккули назарияи набардҳои иттилоотӣ идораи воситаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, фазои рақамӣ ва омӯзиши минбаъдаи набардҳои иттилоотӣ ва масъалаи тавсеаи онҳо дар шароити рушди бесобиқаи воситаҳои иттилоотӣ ва иртибототӣ аҳамияти илмию методологӣ доранд. Таснифоте, ки муаллиф пешниҳод кардааст, барои таҳлили минбаъдаи таҳдидҳои замони муосир метавонад истифода бурда шавад. Дар консепсияи пешниҳоднамудаи муаллиф таъмини соҳибихтиёрии иттилоотӣ, иштирок ва ба нафъи худ зуҳур пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешбурди фаъолияти назорати фазои итилоотӣ, ихтиёрдории технологияи рақамӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ, пешбинӣ гардидааст. Маводи диссертатсия дар

раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, технологияи сиёсӣ, амнияти миллӣ, тмоюлҳои асосии инкишофи давлати муосир, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ, раванди сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонанд истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкони таҳияи низоми мукаммали сиёсиву институтиҳоро фароҳам меоранд, ки ба ҳифзи фазои иттилоотӣ, таъмин ва таҳкими истиқлолияти иттилоотии давлатӣ ва коҳиши хатари набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ равона шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои амнияти иттилоотӣ, идоракунии муҳити рақамӣ, танзими шабакаҳои иҷтимоӣ ва бунёди инфрасохтори боэътимоди амнияти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба мақомоти давлатии соҳаи амният, сиёсат, мутобиқсозиҳои рушди бозори рақамӣ, ВАО ва сохторҳои таҳлилии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки механизмҳои самараноки мониторинг, пешгирӣ ва безараргардонии набардҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотиро тарҳрезӣ намоянд. Бо такя ба таҳлили пешниҳодшуда, сохторҳои системаи сиёсии ҷомеа дар Тоҷикистон метавонанд дастурҳои методологӣ барои муайянсозии аломатҳои ҳамлаҳои иттилоотӣ, шаклҳои нави манипулятсияи сиёсӣ, паҳншавии иттиолооти дорои мазмун ва муҳтавои ифроти. Террористӣ, тактикҳои таъсиррасонии психологии рақамиро таҳия намоянд, ки дар шароити зиёдшавии амалҳои тарғиботии таҳдиду хатаровар аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Аз нигоҳи амалии идоракунии давлатӣ, натиҷаҳои тадқиқот барои таҳияи стратегияҳои миллии амнияти иттилоотӣ, роҳнамои сиёсӣ оид ба танзими фаъолияти платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, ташкили инфрасохтори ҳимояи иттилоотӣ ва фаъолсозии механизмҳои «Сарҳади иттилоотӣ-рақамӣ» мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба сохторҳои давлатӣ имкон медиҳанд, ки равишҳои самаранокро барои ба танзим даровардани муҳити иттилоотӣ бидуни халал расонидан ба озодии баён пешниҳод намоянд, ки барои ҷомеаи демократӣ ва давлатдории муосири Тоҷикистон аҳаммият ва арзиши хоса дорад.

Дар бахши таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои таҳияи барномаҳои омӯзишии баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ, ташкили механизмҳои муқовимат бар зидди терроризм ва ифротгароиҳо, ҷинояткориҳои рақамӣ й-шабакавӣ, таҳкими масъулияти назоратномаӣ ва таваҷҷуҳнамоии иттилоотии аҳолӣ ва коҳиши таъсири иттилоотҳои таҳрифшуда ва бардуруғ ба шуури ҷамъиятӣ истифода шавад. Натиаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, бахусус ҷавононе, ки бештар дар муҳити

рақамӣ фаъолият менамоянд, ҳадафи амалиётҳои иттилоотӣ қарор мегиранд, тавассути барномаҳои махсус ҳимоя шаванд.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқот барои муассисаҳои таҳқиқотӣ ва марказҳои таҳлилии ҷумҳурӣ низ муҳиманд, зеро онҳо метавонанд бар асоси ин тадқиқот тарҳои хоси мониторинг, иттилоотонӣ ва методикаҳои арзёбии дараҷаи таҳдидҳои иттилоотиро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таҳия намоянд. Бо шарофати ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ташкили низоми миллӣ барои пешгирии набардҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои гибридӣ қадамҳои устувор гузорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин барои такмили барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва омӯзишҳои касбии кормандони давлатӣ аҳаммияти баланд доранд. Таълими мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ, сиёсатшиносӣ, коммуникатсияи рақамӣ ва идоракунии стратегии иттилооти сиёсӣ метавонад дар асоси маълумоти бадастомада такмил дода шавад, ки ба тавсеаи захираҳои инсонӣ ва таҳкими иқтидори миллӣ дар соҳаи ҳифзи фазои иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои ин таҳқиқот ба таври мустақим барои таҳким бахшидани қудрати давлатӣ дар соҳаи идоракунии иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати таъмини амният, коҳиши осебпазирии муҳити иттилоотӣ-рақамӣ ва таъмини суботи сиёсиву миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат мекунанд. Ин тадқиқот на танҳо арзиши назариявӣ, балки ба ҳалли амалию стратегӣ ва пешрафти сиёсиву технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур дар асоси таҳлил ва омӯзиши бештари адабиёти илмӣ ва назариявӣ, инчунин таҳлили манбаъҳои гуногунсамти иттилоотӣ таҳия шудааст. Барои асоснок намудани хулосаҳо ва тавсияҳои асосии таҳқиқот аз маҷмӯи маводи расонаҳои дохилию хориҷӣ, санадҳои расмӣ, нутқу изҳоротҳои Сарвари давлат, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои соҳавӣ истифода гардидааст. Бо мақсади таъмин намудани ҳамбастагии дохилии сохтори диссертатсия усулҳои таҳлили системавӣ ва диалектикӣ ба кор бурда шуданд, ки маҳз дар баррасии падидаи тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар муҳити босуръат тағйирёбандаи рақамӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Истифодаи усулҳои арзёбии омилҳои тавлидкунандаи таҳдид, таҳлили шаклҳои зуҳури набардҳои иттилоотӣ, омӯзиши субъектҳои амалкунандаи ин равандҳо, истифодаи методи навъбандӣ барои гурӯҳбандии набардҳои иттилоотӣ, таҳлили эволютсионии тағйирот дар фазои рақамӣ, инчунин таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва иттилооти расонаӣ имконият доданд, ки дар чорчӯби ҳадафҳо ва вазифаҳои диссертатсия натиҷаҳои илмии мустаҳкам ва асоснок ба даст оварда шаванд. Ин маҷмӯи методҳо ба дарки амиқи хусусиятҳои набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ

мусоидат намуда, шароити заруриро барои таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ фароҳам овардааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Муаллифи диссертатсия тули 5 соли сипаришуда ба ҷамъоварии адабиёти илмӣ машғул гардида, давоми солҳои 2021-2025 ба коркарди маводи ҷамъоваришуда, таҳлили онҳо ва таҳияи мақолаҳои илмию маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» 14.02.2026 (суратмаҷлиси №7) муҳокима шуда, барои ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ маърӯза шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар доираи баргузории машғулиятҳои лексионии фанҳои тахассусӣ истифода гардидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар факултети сиёсат ва идораи давлатии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳо таҳқиқот дар 15 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, чаҳордаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 424 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 345 ададро ташкил медиҳанд.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ

нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳал, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯй мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - **«Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ»** ба таҳлили масъалаҳои муҳимми назариявию методологии хусусиятҳои муҳимми набардҳои иттилоотӣ, набардҳои иттилоотӣ ва мақоми иҷтимоию сиёсии онҳо дар низоми муносибатҳои сиёсӣ, вазъи набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои бевоситаи онҳо дар шароити муосир бахшида шудааст.

Дар зербоби 1.1. «**Таҳлили назариявию методологии хусусиятҳои муҳимми набардҳои иттилоотӣ**» додираи васеи адабиёт ва сарчашмаҳо истифода гардидааст, то назария ва хусусиятҳои набардҳои иттилоотӣ аз назари илмӣ муайян ва шарҳ дода шавад. Муайян гардидааст, ки инқилоби иттилоотӣ боиси тағйирёбии куллии низоми ҷаҳонӣ гардида, заминаи ташаккули инфосфераи виртуалиро фароҳам овард. Дар нимаи дуюми асри XX падидаҳое зуҳур намуданд, ки ҷараёни таърихи ҷаҳонро ба таври ҷиддӣ дигаргун сохтанд. Масалан, пайдошавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ, ташкили шабакаҳои алоқаи умумиҷаҳонӣ, ҳамагонӣ гардидани раванди компютеркунонӣ ва монанди инҳо. Чанд даҳсола пеш ҷомеаи ҷаҳон ҳатто дар бораи мафҳумҳои нав, аз қабили шиносномаи электронӣ, ҳукумати электронӣ ва иштироки электронии шаҳрвандон дар раванду воқеаҳои сиёсӣ тасаввур надошт. Имрӯз дар шароити ҷаҳони муосир ин падидаҳо ҷузъи маъмул ва табиии ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ гардиданд.

Аллакай дар охири асри XX дар низоми муносибатҳои сиёсӣ ва зиддиятҳои акторони он ибораҳо ва категорияҳои гуногун, ба монанди, «набардҳои иттилоотӣ», «таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ», «силоҳи иттилоотӣ» пайдо гардид. Гарчанде ин истилоҳ пештар низ мавриди истифода қарор дошт, дар гузашта муносибатҳои муоширатӣ бештар ба робитаи мустақими инсонӣ такя мекарданд, ки дар он шахсон тавассути калима, ишора, мимика ва оҳанги нутқ ба ҳамдигар таъсир мерасониданд. Дар шароити муосир бо пайдоиши технологияҳои махсуси коммуникатсионӣ инсон роҳҳои нави таъсиррасонӣ ба шуури сиёсиро дарёфт намудааст. Раванди воқеаҳои охири ҷаҳон бошад, паёмад ва амиқшавии бархӯрдҳои иттилоотиро боз ҳам равшантар инъикос месозад.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, рушд ва бартарияти технологияҳои иттилоотӣ истилоҳи «набардҳои иттилоотӣ» на танҳо ба як воҳиди рамзии публитсистию сиёсӣ табдил ёфтааст, балки, ҳамчун категорияи мустақил дар соҳаи илм ба таври васеъ истифода мешавад.

Имрӯз мафҳуми «набардҳои иттилоотӣ» мавқеи марказӣ дар таҳқиқоти илмӣ, таҳлилӣ, лоиҳакашӣ, стратегӣ ва бахшҳои марбут ба амният касб намудааст. Саволи матраҳи илмӣ ин аст, ки истилоҳи «набардҳои иттилоотӣ» дар кадом давра арзи вуҷуд намудааст ва инсоният кай иттилоотро ҳамчун навъе аз силоҳ ва василаи пешбурди мубориза, бархӯрд ва рақобатҳои сиёсӣ арзёбӣ кардааст? Муқовимат бо идеологияҳо ва низоъҳои равонӣ аз давраҳои бостон мавриди тадқиқ қарор доштаанд. Баррасии муноқишаҳои ҳарбӣ бидуни дарки худи зуҳуроти ҷанг номумкин мебошад, зеро дар таърихи инсоният рӯйдодҳои бешуморе ба он марбутанд.

Дар адабиёти илмии муосир гурӯҳи муайяни муҳаққиқон мавҷуданд, ки таваҷҷуҳи худро ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ-коммуникатсионии «набардҳои иттилоотӣ» равона месозанд. Принсипҳои методологии таҳқиқоти онҳо бо он мушаххас мегарданд, ки дар чунин набардҳои иттилоотӣ объекти таъсиррасонӣ на шуури инсон, балки худи иттилооте мебошад, ки дар воқеияти нави иртиботӣ мақоми аввалро касб карда, самтгирии маърифатиро ташаккул медиҳад.

Мутобиқи андеша, В.С. Пирумов, М.А. Родионов ва «набардҳои иттилоотӣ як шакли муборизаи тарафҳо мебошад, ки бо истифодаи воситаҳо ва усулҳои махсуси таъсиррасонӣ ба захираҳои иттилоотии рақиб ҳангоми ҳифзи сармояи иттилоотии худ ба амал меояд. Мазмуни он нисбат ба душман гузаронидани ошкоркунии сирри давлатӣ ва амалиёти сиёсию психологӣ мебошад» [48, с. 44].

Дар баррасии мавзӯи «набардҳои иттилоотӣ» парадигмаи геополитикӣ аз ҷойгоҳи муҳими таҳлилӣ бархӯрдор аст. Тадқиқотчии тоҷик Г.Н. Зокиров қудрати геополитикии давлатҳоро вобаста ба омили иттилоот арзёбӣ менамояд. Ӯ дар таҳқиқоти худ таҳти унвони «Андозагирии геополитикии фазои глобалии иттилоотӣ» нақш ва аҳамияти иттилоотро дар бархӯрдҳои геополитикӣ дорои мақоми афзал ва ҳалкунанда мешуморад [8, с. 86].

Яке аз равишҳои марказӣ ва қобили қабул дар таҳқиқи «набардҳои иттилоотӣ» парадигмаи конфликтологӣ ба шумор меравад. Истифодаи дидгоҳи конфликтологӣ имкони онро фароҳам месозад, ки чунин набардҳо аз нуқтаи назарҳои бархӯрдҳои сиёсиву низомӣ ва зиддиятҳои сохторӣ мавриди тавзеҳ ва арзёбии илмӣ қарор дода шаванд.

Дар фазои муосири сиёсиву иҷтимоӣ равандҳое мушоҳида мешаванд, ки дар онҳо муборизаҳои фарогири иттилоотӣ аз ҷониби субъектҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла нерӯҳои террористӣ, сохторҳои давлатӣ, эътилофҳои давлатҳо, гурӯҳҳои манфиатдори сиёсӣ ва ташкилотҳои

хусусии дорои ҳадафҳои стратегӣ ба роҳ монда мешаванд. Ҳадафи аслӣ аз чунин ҷангҳои иттилоотӣ тағйир додани тавозуни геополитикӣ ва таносуби қувваҳо дар ҷомеа буда, ин раванд дар моҳияти худ мубориза барои ба даст овардани қудрати сиёсиро ифода мекунад.

Маҳз гуногунрангӣ, ихтилофи манфиатҳо, тафовутҳои геополитикӣ ва мухолифатҳои идеологӣ қудрати набардҳои иттилоотиро ташаккул медиҳанд. Бояд таъкид кард, ки мафҳуми «набардҳои иттилоотӣ» бештар хусусияти маҷозӣ дошта, аз ҷангҳои классикӣ фарқ мекунад.

Набардҳои иттилоотӣ метавонад хусусияти берунӣ дошта бошад, вақте ки сохторҳои хориҷӣ алайҳи давлат амал мекунанд, ва ё хусусияти дохилӣ гирад, вақте ки неруҳои экстремистӣ, радикалӣ ва террористӣ дар дохили ҷомеа ба ҳадафи бесуботсозии давлат, коста намудани эътимоди ҷамъиятӣ ва тағйири тафаккури идеологӣ иқдом мекунанд.

Назарияи ба ном набардҳои иттилоотро сиёсатшиносони ғарбӣ, бахусус Амрико бештар мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар ибтидо мафҳуми «набардҳои иттилоотӣ ва равонӣ» аз луғати доираҳои ҳарбию низомии Амрико гирифта шуда буд ва ҳамагӣ чанд даҳсола пеш дар илми сиёсӣ пайдо шуд. Аз забони англисӣ он вобаста ба контекст, ки дар матн истифода мешавад, дуруст тарҷума шудааст. Аслан, «набардҳои иттилоотӣ» як навъи муқовимат байни ду ё зиёда ҷомеаҳо тавассути паҳн кардани иттилоот ва маводи махсус омода ва коркардшуда муайян карда мешавад, ки ҳадафи он ноил шудан ба манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар манфиатҳои стратегӣ мебошад [61, с. 46].

«Набардҳои иттилоотӣ» дар моҳияти худ ҷангҳои классикиро, ки дар онҳо аз силоҳҳои қатли ом истифода бурда мешавад ё фронтҳои ҷангӣ кушода мегарданд ва ҷони ҳазорон нафар талаф меёбад, дар назар надоранд.

Дар асри XXI намунаҳои барҷастаи набардҳои иттилоотии фарогирро метавон қариб дар ҳамаи шаклҳои низоъҳои муосир мушоҳида намуд, аз ҷумла дар бархӯрдҳои сиёсӣ, ташаккули идеологияҳои нав, бознигарӣ ва азнавтафсири воқеаҳои таърихӣ, инчунин дар рақобати шадиди геополитикӣ. Таҳлили ин падида нишон медиҳад, ки набардҳои иттилоотӣ на танҳо ҷузъи ҳамроҳи равандҳои низомӣ ё сиёсӣ мебошанд, балки худ ба як майдони мустақили рақобат табдил ёфтаанд, ки дар он мубориза барои тасарруфи шуури ҷамъиятӣ сурат мегирад.

Ҳангоми омӯзиши моҳияти набардҳои иттилоотӣ равшан мегардад, ки яке аз ҳадафҳои калидӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи чунин муқовимат ба даст овардани бартарияти мутлақ дар фазои коммуникатсионӣ мебошад. Ин бартарият маънои назорати ҷараёни иттилоот, танзими рӯзномаи ҷамъиятӣ ва шаклдиҳии тасаввуроти умумии оммаро дар бораи воқеият ифода мекунад. Дар чунин шароит, рақиби эҳтимолӣ ё воқеӣ набояд ба аудитория имкони дастрасӣ ба манбаъҳои алтернативии иттилоот, нуқтаҳои назари мухолиф ё тафсирҳои гуногуни рӯйдодҳоро фароҳам оварад.

Вобаста ба ин, набардҳои иттилоотӣ дар шароити муосир ба сифати шакли нави муборизаи сиёсӣ ташаккул ёфта, аз ҷониби доираи васеи субъектҳо, аз ҷумла неруҳои рақиб, оппозитсияи дохилӣ, давлатҳои абарқудрат, иштирокчиёни бархӯрдҳои тамаддунӣ, ҷараёнҳои глобалистӣ ва федералистии навин фаъолона истифода мешаванд. Ин усули муқовимат, ки бо эҷод ва паҳн намудани хатару таҳдидҳои иттилоотию равонӣ алоқаманд аст, ба даст овардани бартарияти стратегиро дар фазои рақобати глобалӣ ҳадаф қарор медиҳад. Дар ин замина, мубориза барои нуфуз ва роҳбарӣ дар низоми ҷаҳонӣ ҳамчун як навъ «тахтаи бузурги сиёсӣ» зуҳур намуда, равандҳои глобаликунонӣ, тамаддунгароӣ ва минтақагароиро бо мазмуни нави геополитикӣ пур мекунад.

Дар зербоби 1.2. «**Набардҳои иттилоотӣ ва мақоми иҷтимоию сиёсии онҳо дар низоми муносибатҳои сиёсӣ**» - ҷойгоҳ ва мақоми сиёсии набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ матраҳ шуда, истифодаи онҳо аз як тараф ҳамчун муқовимат ба хатару таҳдидҳои иттилоотии замони муосир, аз тарафи дигар ҳамшун шакли муайяни рақобати сиёсӣ эътироф гардидааст. Ғайр аз ин, дар зербоби мазкур моҳият ва хусусиятҳои муносибатҳои сиёсӣ ва баҳамалоқамандии он ба набардҳои иттилоотӣ тавсиф ёфтааст.

Набардҳои иттилоотӣ ба як ҳолати абъективӣ ва воқеияти инкишофи низоми муносибатҳои сиёсӣ дар шароити муосири рушди системаи сиёсии ҷомеа гаштааст. Чунин менамод, ки онҳо ба унсури меҳварии шаклгирии муносибатҳои сиёсӣ мубадал шудаанд ва тасавури амалишавии муносибатҳои сиёсиро бе мавҷудияти набардҳои иттилоотӣ кардан ғайриимкон аст. Саволе ба миён меояд, «муносибатҳои сиёсӣ» ва ё «низоми муносибатҳои сиёсӣ» чист, ки набардҳои иттилоотӣ ба сифати унсури онҳо баромад мекунад? Оё набардҳои иттилоотӣ дар таркиботи унсурии «муносибатҳои сиёсӣ» ва ё «низоми муносибатҳои сиёсӣ» ягон мавқеи муайян доранд?, таъсир ва нақши набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ чи гуна ба назар мерасад?. Дар ин робита, пеш аз ҳама, бояд моҳияти «муносибатҳои сиёсӣ» ва «низоми муносибатҳои сиёсӣ» фаҳмида шавад.

Бо ҳамин тартиб, муносибатҳои сиёсӣ маҷмӯи муносибатҳое мебошанд, ки байни субъектҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, аз қабили мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва субъектҳои байналмилалӣ ҳангоми қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Ин муносибатҳо ҳам ҷиҳатҳои дохилии ҳаёти сиёсиро (байни институтҳои давлатӣ ва шахрвандон) ва ҳам ҷиҳатҳои беруниро (байни давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳо) фаро мегиранд. Муносибатҳои сиёсӣ системаи муносибатҳои мутақобила мебошанд, ки тавассути он тақсимот ва истифодаи қудрати сиёсӣ, инчунин ташкили ҳаёти тамоми ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Асоси муносибатҳои сиёсиро ҳокимият ташкил медиҳад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёт - аз сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодиёт сар карда, то қонуну тартибот ва сиёсати беруниро танзим мекунад. Ҳокимият метавонад дар дасти ниҳодҳои муайян мутамарказ шавад ё дар байни иштирокчиёни гуногуни раванди сиёсӣ, нигоҳ дошта шавад. Чӣ тавр тақсим ва истифода шудани қудрат муайян мекунад, ки оё системаи сиёсӣ устувор ва муассир фаъолият хоҳад кард ё ба низоъ ва ташаннуҷ дучор хоҳад шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ ҷойгоҳи худро доранд. Аҳаммияти иттилоот дар муносибатҳои сиёсӣ набардҳову бархурдҳои сиёсӣ рӯз аз рӯз бештар мегардад. Дар асри ҷадид рушди технологияи рақамӣ ва «МассМедиаи нав» (ВАО-и нав) ба тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ таъсири бевоситаи худро расонид. Нақши «МассМедиаи нав» дар набардҳои сиёсии муосир калидӣ шудааст, зеро онҳо ба афкори ҷамъиятӣ, муносибатҳои дипломатӣ ва худи ҷараёни амалиётҳои низомӣ таъсири бузург доранд. Бо рушди технологияҳои рақамӣ ва интернет, ВАО-и анъанавӣ монополияи худро ба иттилоот аз даст дода, ҷойро ба платформаҳои нав, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, форумҳо ва видеохостингҳо дод. Ин шаклҳои нави ВАО на танҳо тартиби пахн кардани ахборот, балки худи моҳияти набардҳои сиёсиро ҳам ба куллӣ тағйир дод.

Фаъолони бонуфузи сиёсӣ, гурӯҳҳои радикал ва иттиҳодияву ташкилотҳои террористиву экстремистӣ “МассМедиаи нав» -ро барои таъсири иттилоотӣ ва равонӣ ба рақибон, таблиғ ва ташвиқот, фишори идеологӣ, барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин, ВАО ва «МасМедиаи нав» дар муноқишаҳои муосир ҳамзамон ҳам ҳамчун субъекти махсус ва ҳам ҳамчун воситаи ҳамкории набардҳои сиёсӣ амал мекунанд.

Дар ҷаҳони муосир набардҳои иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ ва ҳамлаҳои ҳакерӣ ба яке аз самтҳои муҳимтарини тадқиқоти илмӣ табдил ёфтаанд. Дахолати онҳо ба ҳаёти осоиштаи давлатҳо ва халқҳои имрӯза боиси ташвиши рузафзуни аҳли ҷомеаи ҷаҳон мегардад. Дар баробари ин бояд гуфт, ки набардҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, маҳсули равандҳои ҷаҳоншавии муосир ва ба маънои муайян, падидаи табиие, ки ба ҳар ҷомеаи иттилоотӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккули он хос аст, мебошад. Набардҳои иттилоотиро манъ кардан, решакан кардан ё аз ҳаёти ҷомеа хориҷ кардан номумкин аст, аммо онҳоро низ нодида гирифтан мумкин нест. Набардҳои иттилоотии муосир ба танзими ҳуқуқии байналмилалӣ, маҳдудиятҳо ва назоратнамоӣ ниёз доранд.

Набардҳои иттилоотиро метавон ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои таъминоти иттилоотӣ, муқовимат ба иттилоот ва ҳифзи иттилоот муайян кард, ки тибқи консепсия ва нақшаи ягона бо мақсади ба даст овардан ва нигоҳ доштани бартарии иттилоотӣ бар душман амалӣ карда мешавад. Паҳншавии набардҳои иттилоотӣ бо имкони ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ

тавассути гузаронидани амалиёти равонии глобалӣ (стратегӣ) бо мақсади ташаккули системаи дахлдори судманди афкор, коркарди равонии аҳолии давлати душман ва давлатҳои ҳамсояи он шарҳ дода мешавад.

Хулоса сарфи назар аз он, ки қисми зиёди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити воқ як ҷанги нави иттилоотӣ қарор гирифта, пурра дарк мекунад, ки зери таъсири иттилоотии харобиовар қарор дорад, дар маҷмӯъ аҳолии кишварҳои мухталифи ҷаҳон аз имкони истифодаи Технологияҳои «ифлос»-и таъсиррасонии иттилоотӣ ба душман, инчунин имкони таҳрики афкори омма, агар ин ба манфиатҳои миллии давлате, ки ин аҳолӣ дар он зиндагӣ мекунад, мувофиқат кунад. Зимнан, дар набардҳои иттилоотӣ на он касе, ки ҳақиқатро мегӯяд, балки он касест, ки тавонистааст ба тамошобинон як «силсилаи иттилоотӣ»-и ҷолибтареро нишон диҳад ва мавқеъи худро хеле равшан асоснок кунад. Яъне, ҳар қадаре ки кишвар имкониятҳои иттилоотии бештар дошта бошад, ҳамон қадар эҳтимоли ба даст овардани бартариҳои стратегӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалие, ки имрӯз ба вуҷуд меояд, ки ҷаҳони яккутбиро иваз мекунад, бештар мешавад.

Зербоби 1.3. ба масъалаи «**Таҳлилу таҳқиқи амалии вазъи набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои бевоситаи онҳо дар шароити муосир»** бахшида шудааст.

Дар даҳсолаҳои охир ҷаҳон шоҳиди тағйироти ҷиддие дар бахшҳои иртиботӣ, технология ва муносибатҳои байналмилалӣ гардид. Дар ҳошияи ин тағйирот технологияҳои иттилоотӣ на танҳо як воситаи муҳими рушд, балки як унсури тавонои низоъҳои ва набардҳову бархурдҳои муосир, аз ҷумла шаклҳои нави набардҳои сиёсӣ ва моҷароҳои байналмилалӣ гардидааст.

Набардҳои иттилоотӣ на танҳо шаклҳои анъанавии таблиғот ва тақаллуб, балки механизмҳои мураккабтаре, аз қабили ҳамлаҳои киберӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои таъсир ба афкори умум ва ҳатто дахолат ба равандҳои сиёсӣ тавассути паҳн кардани маълумоти бардурӯғро дар бар мегирад. Дар баробари ин тадқиқот оид ба набардҳои иттилоотӣ барои сиёсатшиносии муосир бо як қатор сабабҳои марбут ба тағйирот дар тарзи пешбурди сиёсат, иртибот ва мубориза барои таъсир муҳим мебошад.

Глобаликунонии иттилоот боиси густариши шаклҳои зиддияти сиёсӣ мегардад. Дар ҳоле ки моҷароҳо ва набардҳои анъанавии байни давлатҳо бештар ба назар мерасанд, ҷангҳои иттилоотӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва истифодаи платформаҳои ВАО барои таҳрики афкори ҷамъиятӣ бештар маъмул мешаванд. Унсурҳои «қудрати нарм» ба монанди таъсиррасонии фарҳангӣ, таблиғоти сиёсӣ ва манипулятсияи рақамӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода қайд мекунад, ки «консепсияи неруи нарм ҳамчун стратегияи сиёсати хориҷии давлат на танҳо барои ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ, балки барои таъсири манфӣ расонидан ба манфиатҳои миллии дигарон низ

истифода мешавад. Неруи нарм ханҷаре мебошад, ки бо як тарафи теғи он тасхири дилҳо ва бо тарафи дигари теғ кӯтоҳ намудани дасти рақибон анҷом дода мешавад» [61, с. 288]. Нерӯи нарм дар воқеъ сиёсати хеле нарму хатарнок ба ҳисоб меравад.

Илмҳои сиёсӣ барои таҳлили таъсири амалиёти иттилоотӣ ба равандҳои сиёсӣ, стратегияҳо ва институтҳои ҳокимият, инчунин ба муносибатҳои байналмилалӣ, муайян кардани таъсири набардҳои иттилоотӣ дар мубориза барои қудрат ва таъсир байни давлатҳо кӯмак мерасонад. Сиёсатшиносӣ ҳамчун як равияи илмии таҳлилӣ имкониятҳои назариявӣ ва методологиро фароҳам меорад, ки бо истифода аз онҳо метавон моҳият, хусусият ва таъсири набардҳои иттилоотиро дар раванди сиёсии дохилӣ ва ҷаҳони муосир амиқ дарк карда мешавад. Дар доираи чунин таҳлил, масъалаи набардҳои иттилоотӣ на танҳо ҳамчун воситаи таблиғотӣ ё муборизаи шабакавӣ баррасӣ мегардад, балки ҳамчун унсури муҳимми рақобати геосиёсӣ, мубориза барои қудрат ва таъсиррасонӣ миёни элитаҳои сиёсӣ, институтҳои давлатӣ ва субъектҳои байналмилалӣ таъриф мешавад. Илмҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки набардҳои иттилоотӣ дар чорчӯби стратегияҳои миллии амният, сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи рақамӣ таҳлил шаванд, ки дар он ҳар як паёми иттилоотӣ метавонад ҳамчун воситаи таъсиррасонии стратегӣ бар раванди қабули қарор ва ташаккули афкори умумӣ амал кунад.

Аз назари илмҳои сиёсӣ, набардҳои иттилоотӣ василае мебошанд, ки тавассути онҳо субъектҳои сиёсӣ, хоҳ давлат, хоҳ гурӯҳҳои манфиатдор, хоҳ ташкилотҳои байналмилалӣ, кӯшиш мекунанд, ки муҳити маърифатӣ ва иттилоотии ҷомеаҳои дигар давлатҳо ва неруҳҳои рақибро ба манфиати худ шакл диҳанд. Онҳо бо мақсади тағйири рафтор, коҳиши эътимод ба ҳокимият, тафриқаандозӣ ва дезинтегратсия истифода мешаванд, ки ин ҳама ба нооромсозии сохторҳои сиёсӣ ва заифсозии ҳокимияти давлатҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин, равиши сиёсӣ ба мо кӯмак мекунад, ки на танҳо ҳадаф ва стратегияҳои пасипардагии ин гуна амалиётҳо дарк шавад, балки тавонем таъсири онҳоро ба системаи ҳокимият, шабакаҳои иттилоотӣ ва равандҳои демократикунонии ҷомеа муайян намоем.

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои рақамӣ ва густариши амалиётҳои мураккаби иттилоотӣ, ниёзи ҷомеа ба механизмҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ҳифзи фазои иттилоотӣ ҳарчӣ бештар афзоиш меёбад.

Кибернетика ва информатика барои таҳлили ҷанбаи техникии набардҳои иттилоотӣ, махсусан дар соҳаи киберамният заруранд. Ин илмҳо имкон медиҳанд, ки усулҳои муҳофизати системаҳои рақамӣ ва инфрасохторро аз ҳамлаҳо, инчунин воситаҳои ҳакерӣ ва коркарди иттилоот баррасӣ карда шаванд.

Таҳлили секюритилогӣ нишон медиҳад, ки набардҳо дар фазои иттилоотӣ имрӯз бо набардҳои гибридӣ, ки унсурҳои ҳамлаҳои киберӣ, дезинформатсия, амалиётҳои равонӣ ва коммуникатсияҳои стратегиро

муттаҳид мекунад, зич алоқаманд аст. Чунин шаклҳои таъсир на танҳо эътимодро ба давлат коҳиш медиҳанд, балки метавонанд фаъолияти иншооти муҳимми стратегӣ, аз энергетика то коммуникатсия ва саноати мудофиавиро низ халалдор кунанд. Аз ин рӯ, секюритология зарурати ҳифзи инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ва таҳияи механизмҳои устувор барои мониторинг, огоҳии саривақтӣ, вокуниш ва коҳиш додани оқибатҳои ҳамлаҳои киберӣ ва иттилоотиро бештар таъкид мекунад.

Набардҳои иттилоотӣ дар шароити муосир на танҳо ба фазои сиёсӣ таъсир мерасонанд, балки ба таври амиқ ба муҳити фарҳангӣ ва тарзи фикррониии ҷомеа низ дахолат мекунанд. Таъсири ин равандҳо бештар тавассути ташаккули образҳо ва тасвирҳои шабакавӣ, ки дар платформаҳои иҷтимоии рақамӣ паҳн мегарданд, амалӣ мешавад. Образҳои мазкур, ки аксар вақт дорои хусусияти манипулятивӣ мебошанд, имкони шаклгирии мустақили афкори ҷамъиятиро коҳиш дода, заминаи падидаи мағзшӯии оммавӣ ё болоравии сатҳи манқуртиятро фароҳам месозанд. Дар натиҷа, арзишҳо ва таърифҳои анъанавии ҳувият ва айнияти сиёсӣ зери шубҳа қарор гирифта, шаҳрвандон аз заминаи фарҳангиву таърихии худ дур мешаванд.

Дар замони муосир набардҳои иттилоотӣ ба объекти омӯзиши ҳамаҷониба табдил ёфта, таваҷҷуҳи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм ва мутахассисони амалиро ба худ ҷалб мекунад. Олимон аз соҳаҳои сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология, киберамният, васоити ахбори омма ва ҳатто илмҳои компютерӣ барои таҳияи фаҳмиши ҳамаҷонибаи механизмҳои паҳншавӣ, ташаккул ва таъсири ҳамлаҳои иттилоотӣ фаъолона иштирок мекунанд. Ин раванд на танҳо бо рушди технологияҳои рақамӣ, балки бо тағйирот дар табиати коммуникатсия, ки ВАО-и анъанавӣ ҷойгузини худро ба платформаҳои ғайримарказонидашудаи онлайнӣ ва суръати паҳнкунии иттилоот мустақиман ба динамикаи сиёсӣ ва шуури ҷамъиятӣ мегузорад, бармеангезад.

Набардҳои иттилоотӣ, ки ба таври васеъ тавассути шабакаҳо амалӣ мегарданд, ба қабули қарорҳои стратегии давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин вазъ, шумораи зиёди иттилооти дар айни замон паҳншаванда, ки аксаран дурӯғ ва таҳрифшуда мебошанд боиси сардаргумӣ ва душвории ҳамоҳангсозии амалҳо дар сатҳи сиёсӣ ва низомӣ мешавад. Ба ибораи дигар, иттилооти бардурӯғ ҳамчун як силоҳи нарм (soft power) барои ноором сохтани муҳити дохилӣ ва коҳиш додани эътимод ба сохторҳои давлат истифода мешавад.

Хулоса, дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо тағйироти босуръати геополитикӣ, рақобати идеологӣ ва рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, набардҳои иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқот дар илми сиёсии муосир табдил ёфтаанд. Омӯзиши ин падида на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ касб мекунад, зеро он ба таъмини амнияти иттилоотии кишвар, таҳкими суботи сиёсӣ ва ҳифзи

арзишҳои миллию фарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҷанги иттилоотии асри XXI, ки бештар хусусияти пинҳон, ғайрианъанавӣ ва фарҳангию психологӣ дорад, тадқиқоти илмии мақсаднок ва системавӣ ба масъалаҳои идоракунии афкори умум, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизми «қудрати нарм» зарур ва саривақтӣ мебошанд. Бо вуҷуди таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқон ба ин мавзӯъ, то ҳол паҳлӯҳои зиёди набардҳои иттилоотӣ, аз ҷумла омилҳои сиёсии таъсиргузор, таҷзияи сохтории онҳо ва роҳҳои муқовимат ба чунин таҳдидҳо, ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Боби дуюми таҳқиқроти диссертатсионӣ **- «Рақами кунонӣ ҳамчун омили васеъшавии набардҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба раванди сиёсии муосир»** масъалаҳои рушди технологияи рақамӣ ва аҳаммияти он дар шароити рушди рақамикунонӣ, набардҳои иттилоотии муосир ва таъсири он ба низоми сиёсии пешрафтаи давлатҳо бахшида шудааст.

Зербоби 2.1. - **«Рушди технологияи рақамӣ ва аҳаммияти он дар шароити рушди рақамикунонӣ»** масъалаҳои муҳимми рушд технология рақамиро дар бар мегирад. Рақамикунонӣ ҳамчун тамоюли муосири рушди давлат ва системаи сиёсии муосир баромад карда метавонад.

Дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо нақши калидӣ доранд. Таҳия ва татбиқи босуръати онҳо ба системаи идоракунӣ, институтҳои давлатӣ ва механизмҳои амният таъсири назаррас мерасонад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рақамисозӣ таъсири он ба таҳкими қудрат ва соҳибихтиёрии давлат мебошад. Технологияҳои муосир дар шароити имрӯза ба давлатҳо имкон медиҳанд, ки равандҳои иттилоотиро бо самаранокии бештар идора намоянд, сатҳи раванди иттилоотии ҷомеаро таҳлил кунанд ва ба таҳдидҳо, хатарҳо ва набардҳои иттилоотии дохилию хориҷӣ бо вокуниши фаврӣ ҷавоб диҳанд.

Бо вуҷуди ин, асри муосир асри суръат ва технологияи рақамӣ аст. Он на танҳо имкониятҳо, балки таҳдидҳоро низ ба бор дорад. Ҷангҳои иттилоотӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва паҳншавии маълумоти бардурӯғ ба абзори мубориза геополитикӣ алакай табдил ёфтаанд. Бисёре аз давлатҳо ба дахолати давлатҳа аз берун, дахолат ба корҳои дохилии худ тавассути платформаҳои рақамӣ ва васоити ахбори иҷтимоӣ дучор меоянд. Дар ин замина ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ ба вазифаи стратегии давлатҳои муосир табдил меёбад, ки муносибати мушаххасро тақозо мекунад, аз ҷумла танзими сиёсиву ҳуқуқии рушди киберамният ва баланд бардоштани саводнокии рақамии шаҳрвандон.

Давлатҳои муосир технологияҳои рақамиро ҳамчун инноватсияи рақамӣ эътироф намуда, барои баланд бардоштани самаранокии сохторҳои давлатӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва таъмини амнияти миллӣ фаъолона татбиқ мекунанд.

Рушди технологияҳои рақамӣ ба раванди рақамикунонии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Мафҳуми «рақамкунонӣ» бори аввал дар робита ба соҳаҳои байнисоҳавии дониш, ки аз доираи махсуси илмӣ муҳандисӣ фаротар аст, дар соли 1995 аз ҷониби математики амрикоӣ Николас Негропонте пешниҳод гардидааст.

«Рақамикунонӣ (ба маънои васеъ) раванди ҷаҳонии ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолият мебошад, ки равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар ҳама сатҳҳо тағйир медиҳад. Ин на танҳо рақамисозии иттилоот, балки дигаргуниҳои амиқ дар идоракунӣ, тарҳҳои тиҷоратӣ, ҳамкории байни одамон ва технология, инчунин дарки воқеият аст» [57, с. 43].

Технологияҳои рақамӣ модернизатсияи соҳаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятро таъмин мекунанд. Дар бахши давлатӣ онҳо ба баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо, автоматикунонии равандҳои маъмурӣ ва беҳтар кардани ҳамкорӣ бо ҷомеа мусоидат мекунанд. Дар соҳаи ҷамъиятӣ воситаҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои муошират, таҳсилот ва соҳибкорӣ мекушоянд.

Дар соҳаи ҷамъиятӣ технологияҳои рақамӣ дар рушди таҳсилоти онлайн, тибби рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо шаклҳои нави ҳамкории байни одамонро ба вуҷуд меоранд, ба паҳншавии дониш мусоидат мекунанд ва сатҳи саводнокии рақамии аҳолиро баланд мебардоранд. Технологияҳои рақамӣ воситаи тавонои дигаргунсозии ҷомеа ва давлат мебошанд.

Дар зербоби 2.2. **«Набардҳои иттилоотии муосир ва таъсири он ба низоми сиёсии пешрафтаи давлатҳо»** - сатҳи таъсири набардҳои иттилоотӣ ҳамчун навъи нави муқовимат ва муборизаҳои сиёсӣ ба низоми сиёсии ешгирифтаи давлатҳо мушаххас карда шудааст. Онҳо тамоми равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангиро фаро гирифта истодаанд.

Таъсири набардҳои иттилоотиро ба низоми сиёсати пешгирифтаи давлатҳо аз чанд нуктаи назар мавриди баррасӣ қарор додан ба маврид мебошад. Аз нигоҳи моҷарошиносӣ набардҳои иттилоотӣ як шакли муқовимати ниҳонӣ ё ошкоро мебошад, ки дар он объекти асосӣ шуури ашхос ва гурӯҳҳо ва воситаи асосӣ таъсири манипулятсионӣ тавассути ВАО, платформаҳои рақамӣ ва иртибототи шабакавӣ мебошад. Бар хилофи мунокишаҳои анъанавии мусаллаҳона, он дар соҳаи ғайримоддӣ сурат мегирад, аммо оқибатҳои хеле воқеӣ дорад, ки равандҳои харобиовари дохилиро барангехта, эътимоди шаҳрвандиро коҳиш медиҳад.

Давлатҳои пешрафта ва сохторҳои фаромиллӣ технологияҳои иттилоотиро барои пешбурди манфиатҳои худ, таъсир ба сиёсати хориҷии рақибон ва ташаккули рӯзномаи мусоиди байналмилалӣ фаъолона истифода мебаранд. Еабардҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои сиёсӣ бидуни дахолати мустақими ҳарбӣ амалӣ шаванд, ки ин онро дар

ҷаҳони баъди дуқутба, ки аҳамияти шаклҳои гибридии низоъ афзоиш меёбад, ҷолиб мегардонад.

Таҳлилҳои амниятшиносӣ таъкид мекунанд, ки таҳдидҳои иттилоотӣ имрӯз ҷузъи ҷудонашавандаи консепсияи амнияти миллӣ мебошанд. Инҳо маълумоти бардурӯғ, поймол кардани қонунияти қудрати давлатӣ, ҳамлаҳои киберӣ ба сохторҳои муҳим ва нобудсозии ҳувияти миллӣ тавассути густариши иттилоот ва фарҳангро дар бар мегиранд. Ин ташаккули системаи устувори амнияти иттилоотиро, аз ҷумла механизмҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва технологиро талаб мекунад.

Набардҳои иттилоотӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО, платформаҳои рақамӣ ва дигар воситаҳои иртиботи оммавӣ амалӣ шуда, ба шаклгирии афкори сиёсӣ ва идеологӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Набардҳои иттилоотӣ аз амалиётҳои анъанавии ҳарбӣ ҳам аз ҷиҳати табиат ва ҳам аз ҷиҳати усулҳои амалишавӣ ва ҳузур фарқ мекунад. Хусусияти асосӣ дар он аст, ки «амалиёти ҷангӣ» на дар фазои воқеӣ, балки дар фазои виртуалӣ гузаронида мешавад, ки дар он ҳо сарҳадҳои аниқи ҷуғрофӣ, ҷабҳаҳои ҷангӣ ва воситаҳои анъанавии несту нобудкунӣ вуҷуд надоранд.

Як тамоюли муҳими набардҳои иттилоотӣ интиқоли зиддиятҳои иттилоотӣ ба фазои киберӣ мебошад. Дар шароити муосир, объектҳои ҳамлаҳои киберӣ ба таври назаррас васеъ шуданд. Имрӯз на танҳо шахсони алоҳида, балки инфрасохтори муҳими системаҳои коммуникатсионӣ низ зери хатар қарор доранд.

Бо ҳамин далел, дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва аҳамияти афзояндаи фазои иттилоотӣ дар соҳаи сиёсӣ имрӯз барои коҳиш додани таъсири харобиовари набардҳои иттилоотӣ ба равандҳои иҷтимоӣ муносибати ҳамаҷониба ва аз ҷиҳати институтсионалӣ расман мавҷуд нест. Ҳамлаҳои иттилоотӣ, ки ангезаи сиёсӣ доранд, дараҷаи баланди хашмгинона нишон дода, ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъсири ҳамаҷониба мерасонанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки натиҷаи муборизаи сиёсиро бештар таъсирбахшии мавқеъи субъектҳо дар фазои иттилоотӣ муайян мекунад.

Дар шароити муносибатҳои мутақобилаи муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ корбарии иттилоот, инчунин истифодаи бошуурона ва пурборкунии он аз ҷониби ҷонибҳои даргир дар вазъияти ихтилоф ё тафовути манфиатҳо мақоми механизми ба таври органикӣ ташаккулёфта ва аз ҷиҳати институтсионалӣ мустаҳкамшудаи ҳалли зиддиятҳоро мураккаб кардаанд.

Таъсири набардҳои иттилоотӣ ба равандҳои ташаккули ҳувияти миллӣ ва ваҳдати шаҳрвандӣ махсусан хатарнок аст. Бо поймол кардани арзишҳои асосии ҷомеа, манипулятсия кардани хотираи таърихӣ ва дидаву дониста ҷорӣ намудани муносибатҳои алтернативии идеологӣ муттаҳидшавии шаҳрвандон дар атрофи манфиатҳои миллӣ халалдор мешавад, ки боиси

амиқтар халалдор гардидани самтгириҳо ва сафарбарномоии иҷтимоӣ ва афзоиши зиддиятҳои байни миллатҳо ва конфессияҳо мегардад. Дар шароити нокифояи саводнокии ВАО ва дарки интиқодии иттилоот аз ҷониби аҳолӣ ин гуна таъсирҳо метавонанд харобиовар бошанд ва боиси дигаргуниҳои амиқи шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсӣ шаванд.

Набардҳои иттилоотии муосир яке аз шаклҳои мураккаб ва гуногунҷанбаи муқовиматҳои сиёсӣ буда, аз усулҳои анъанавии идоракунии мунокишаҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд. Хусусиятҳои онҳо технологияи баланд, хусусияти бисёрсатҳи таъсир, истифодаи платформаҳои рақамӣ ва муҳандисии иҷтимоӣ барои идора кардани шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Истифодаи ҳадафмандонаи сиёсии набардҳои иттилоотии муосир дар кӯшиши тағйир додани равандҳои сиёсии дохилии давлатҳо, ноором кардани режимҳои сиёсӣ, коҳиш додани эътимод ба мақомоти қонунӣ ва тағйир додани сохтори идоракунӣ ба манфиати субъектҳои беруна, тушкилотҳо ва иттиҳодияҳои террористиву радикалӣ ва экстремистӣ, оппазитсияи ғайриқонунӣ зоҳир мешавад.

Таъсири набардҳои иттилоотӣ ба рушди давлатҳо системавӣ аст. Институтҳои асосии ҳокимият, механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи иқтисодӣ ҳадаф қарор дода шудаанд. Ҳамлаҳои иттилоотӣ метавонанд бӯҳрони сиёсиро оғоз бахшанд, низоъҳои иҷтимоиро барангезанд, эҳсоси эътирозиро афзоиш диҳад ва ба вайрон кардани якпорчагии сиёсии давлатҳо заминагузорӣ кунанд. Дар натиҷаи таъсири мақсадноки иттилоотӣ раванди рушди устувор хеле мураккаб гардида, ислоҳоти модернизатсия суст шуда, фазои сармоягузорӣ бадтар мешавад ва сатҳи ноустувории сиёсиву иҷтимоӣ баланд мешавад.

Боби сеюми диссертатсия - **«Масъалаҳои рушди набардҳои иттилоотӣ дар шароити амалӣ гардидани технологияи рақамӣ»** мебошад. Дар ин боб масъалаҳои тамоюлҳои рушди таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи технология рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ, таҳлили сиёсии рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои Интернет, сатҳи руоварии одамон ва ҷомеа ба фазои иттилоотӣ, шаклгири сатҳи мадани навъи нав-маданияти шабакавӣ, таъсири ҳуҷумҳои сиёсӣ, иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби 3.1. **«Тамоюлоти рушди таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи технологияи рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ»** - ба густариши ва тавсеаи таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, ки ба пешрафти технологияи рақамӣ ва шаклгирии набардҳои итилоотӣ пайваст мебошад, бахшида шудааст.

Ин таҳдидҳо танҳо ба ҷинояткории киберӣ маҳдуд намешаванд, балки равандҳои амиқи дигареро низ дарбар мегиранд. Ба монанди: таҳриф ва манипулятсияи иттилоот, таъсиррасонии пинҳонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, нобудсозии меъёрҳои фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ, ташаккули вобастагии

равонӣ аз муҳити рақамӣ, афзоиши хатари ҷудошавии иҷтимоӣ, тағйири сохтори амнияти миллӣ ва ғ.

Дар ду даҳсолаи охир ҷаҳони муосир шоҳиди афзоиши бесобиқаи шумораи корбарони интернет ва василаҳои мобилии иртиботӣ гардид, ки ин раванд на танҳо нишонаи рушду пешрафти технологӣ, балки омили муҳим дар ташаккули таҳдидҳои нав, хосса таҳдидҳои ғайрианъанавии муҳити рақамӣ мебошад. Тавсеаи инфрасохтори иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамӣ майдони густардаи таҳдидҳоро ба вуҷуд овардааст, ки хосияти комилан нав, амнияти рақамӣ ва устувории ҳувияти миллиро зери хатар мегузоранд.

Раванди афзоиши дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон низ бо нишондиҳандаҳои рӯзафзун тавсиф мегардад. Тавре «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2021 таъкид намуданд, соли 1991 шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ ҳамагӣ 277 ҳазор нафар буд. Аммо соли 2021 шумораи истифодабарандагони танҳо телефони мобилӣ ба зиёда аз 8 миллион нафар расид. Дар ҳамин сол шумораи корбарони Интернет дар кишвар аз 4,2 миллион нафар ҳам гузашт. Танҳо дар даҳ соли охир шаҳрвандони кишвар барои алоқаи мобилӣ беш аз 30 миллиард сомонӣ харҷ кардаанд, ки ин бо назардошти иқтисоди миллӣ нишондиҳандаи назаррас мебошад» [2].

Сиёсатшинос Х.Қ. Сафарализода дар таҳқиқоти худ ишора бар он мекунад, ки: «Соли 1982 компютерҳои «IBM» ва «Commodore», ки дар бозорҳои ИМА ба фурӯш бароварда шуда буданд, ҳамагӣ 2,52 гигабайт хотира доштанд. Соли 2017 ширкати Western Digital кортҳои хотирадори ғунҷоишашон 400 ва 512 гигабайтро ихтироъ намуданд. Хотираи компютерҳо бошад аз ҳудуди терабайт гузашта рафт [61, с. 88]. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда, тавоноӣ ва иқтидори компютерҳо дар муддати 1,5 сол як маротиба зиёд мегарданд ва ин маънои онро дорад, ки суръати кории компютерҳои соли 2025 нисбат ба компютерҳои соли 2013-ум 64 маротиба зиёд мегарданд» [53, с. 218].

Дар замони муосир шабакаи ҷаҳонии интернет ва маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ ба унсурҳои асосии такмили идоракунии давлатӣ табдил ёфтаанд. Ин раванд, ки дар бештари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун гузариш ба низоми «ҳукумати электронӣ» анҷом пазируфта истодааст, имконият медиҳад, ки равандҳои идоракунӣ шаффоф, дастрастар, зудтаъсир ва дорои самаранокии баланди ташкиливу иқтисодӣ гарданд. Истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар сохторҳои давлатӣ на танҳо тартиби пешниҳоди хизматрасониҳоро тағйир медиҳад, балки фарҳанги идоракуниро низ ба сатҳи сифатан нав мебарад, ки барои ҷомеа аҳамияти стратегӣ дорад.

Воқеияти замони муосирро метавон чунин мушозида намуд, ки қисми назарраси таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ бо суръати тавсеаи технологияҳои

иттилоотию иртиботӣ иртиботи мустақим доранд. Пайдоиш ва рушди босуръати ин технологияҳо, гарчанде барои тараққиёт имкониятҳои густурда фароҳам овардаанд, ҳамзамон сатҳи осебпазирии давлатҳо, хоҳ кишварҳои пешрафта, хоҳ давлатҳои тозаистиқлол ва ё кишварҳои рӯ ба инкишоф торафт бештар мегардонанд. Дар ин замина, ҳам кишварҳои қавӣ ва ҳам давлатҳои навтаъсис бо маҷмӯи мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешаванд, ки моҳияти онҳо хосияти комилан ғайрианъанавӣ дорад.

Дар байни ин таҳдидҳо рахна кардани системаҳои иттилоотӣ, дуздидани маълумоти ҳассосу махфӣ, халалдор сохтани кори инфрасохтори стратегӣ, фалаҷсозии шабакаҳои давлатӣ ва ҳамлаҳои кибернетикӣ мавқеи махсус доранд. Ин намуд хатарҳо ҳатто кишварҳои пешрафтаро ба ташвиш овардаанд, зеро онҳо тавони харобсозии калидии инфрасохтори миллӣ ва низоми идоракуниро доранд.

Тавсеаи ТИИ инчунин ба дигаргун шудани моҳияти терроризм овардааст. Гарчанде терроризм таърихи қадима дорад, вале бо шарофати муҳити рақамӣ, шакл ва самти фаъолияти он ба сатҳи сифатан нав гузаштааст. Кибертерроризм, ки дар шакли рахна намудани системаҳои иттилоотӣ, рабудани маълумоти махфӣ ва фалаҷсозии инфрасохторҳои муҳими давлатӣ зуҳур мекунад, яке аз намунаҳои равшани таҳдидҳои ғайрианъанавӣ мебошад. Терроризми иттилоотӣ бошад, тавассути тарғиби тарсу ваҳм, мағзшӯии ҷавонон дар шабакаҳои иҷтимоӣ, паҳн кардани радикализм, ташкили шантажи сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи иғвоангезӣ амал мекунад. Дар ин раванд киберэкстремизм низ ҷойгоҳи хос дорад, ки шакли фаъолияти гурӯҳҳои ифротиро ба муҳити рақамӣ интиқол додааст.

Дар асл, ТИИ худ таҳдид нестанд, вале ҳамчун абзори тавоно ба субъектҳои хатар имкон медиҳанд, ки ҳадафҳои худро бо дақиқӣ ва самаранокии бештар амалӣ созанд. Он чи ки қаблан танҳо дар шаклҳои классикӣ ва маҳдуди таҳдид зоҳир мешуд, имрӯз бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, алгоритмҳои тавсиявӣ ва муҳити рақамӣ ба таҳдидҳои густурдаи геополитикӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити рушди технологияи рақамӣ ва тавсеаи воситаҳои иртибототӣ афзоиши хатар ва таҳдидҳои экстремистии шабакавӣ ба низоми амният ва инкишофи давлатҳо воқеӣ гашта истодааст. Онҳо як навъ набардҳои иттилоотии навъи идеологияи радикалӣ шинохта мешаванд. Имрӯз ҳолати мазкур тамоми башарият ва давлатҳову ҳукуматҳоро ба ташвиш овардааст. Х. Қ. Сафарализода ишора бар он мекунад, ки: «...ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, таблиғи ғояҳои экстремистию радикалистӣ тариқи интернет, терроризм ва экстремизми иттилоотӣ, иғвоангезӣ ва дурӯғпардозӣ аз ҳама бештар ба суботи сиёсии кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф таҳдид менамоянд» [61, с. 215]. Н. Асламзода қайд мекунад, ки «Тағйиротҳои низоми сиёсии ҷаҳонӣ, аксаран ҳамбастагӣ ва авфи давлатҳои муқтадири олам дар нисбати ташкилотҳо ва

созмонҳои гуногуни террористиву экстемистӣ, дар ихтиѐри онҳо қарор додани захираҳо ва зарфиатҳои бойи иттилоотиву техникӣ, масъалаи дар сатҳ ва ҷанбаҳои гуногуни таъмини амният ва рушди уствор ҳадафмандона ва устворона қарор гирифтани давлатҳо, махсусан давлатҳои рӯ ба инкишофро ҳатмӣ мегардонад» [32, с. 38]. Ин ҳама ба он далолат мекунад, ки мутахассисон таҳдидҳои нави ҷаҳониро ҳушдор кардани шуда, хусусиятҳои онҳоро баррасӣ менамоянд.

Экстремизми иттилоотӣ бо шаклҳои радикалии набарди иттилоотӣ робитаи зич дорад, зеро дар ҳарду ҳолат ҳадафи марказӣ таъсир расонидан ба шуури омма бо мақсади тағйири куллӣ дар низоми сиёсӣ ё иҷтимоӣ мебошад. Дар ин замина экстремизми иттилоотӣ ба як абзори радикализатсияи афкори оммавӣ табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти набардҳои иттилоотии навъи идеологии радикалӣ муносибати ҳамаҷонибаро барои мубориза бо ин падида тақозо мекунад. Барои муҳофизати самаранок аз экстремизми сиёсӣ-шабакавӣ зарур аст, ки тадбирҳои мониторинг ва танзими фаъолият дар шабакаҳо тақвият ёбанд, инчунин маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон дар бораи хатарҳои марбут ба идеологияҳои радикалӣ равона шудаанд, рушд дода шаванд. Муҳим аст, ки таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи муборизаи шабакавӣ бар зидди экстремизми сиёсӣ-шабакавӣ, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тақвияти эътимод ба институтҳои давлатӣ бештар карда шаванд. Ин ҳолат кӯмак мекунад, ки эҳсосот ва манипулятсияҳо ва паҳнгардии идеалогияҳои экстремизми сиёсӣ-шабакавӣ дар байни аҳолӣ коҳиш ёбад.

Зербоби 3.2. **«Таҳлили сиёсии рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои Интернет»** мебошад. Муайян гардидааст, ки дар асри рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти сиёсӣ табдил ёфтаанд. То аввали соли 2025, шумораи «шахсияти корбарон»-и бақайдгирифташуда дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар саросари ҷаҳон ба 5,66 миллиард нафар расид, ки ба ду се ҳиссаи аҳолии ҷаҳон баробар аст [68]. Ба ибораи дигар, корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ҳоло «аксарияти фавқулода»-ро ташкил медиҳанд. Корбарони шабкаҳои иҷтимоӣ ду баробар бештар аз онҳое, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода намебаранд, зиёданд. Ин густариши ҷаҳонӣ фазои наверо барои муошарати сиёсӣ эҷод мекунад, ки дар он шаҳрвандон, роҳбарон ва муассисаҳо пайваста иттилоот, назар ва эҳсосотро мубодила мекунанд.

Тамоми рафтор ва сатҳи руоварии корбарони шабакаҳои интернетӣ дар доираи коммуникатсияи рақамӣ таъриф меёбад. Онҳо дар фазои Интернет ба ҳам дар иртибот ва муомилоти иттилоотӣ қарор мегиранд. Аммо масъала сари он аст, ки то кадом андоза иртибот ва ҳампайвастагии иттилоотии онҳо ҷанбаи мустӣ дорад ва ё ҷанбаи манфӣ. То кадом андоза онҳо ҳамчун хатар шинохта мешаванд ва то кадом андоза корбаронии ҳабакаҳои

иҷтимоӣ ҳимоякунандаи манфиат ва талаботҳои милливу давлатӣ баромад карда метавонанд.

Самаранокии иртибот дар муҳити сиёсӣ аз ҷумлаи омили муҳиме маҳсуб меёбад, ки ба сатҳи татбиқи сиёсати давлат, таъсиррасонӣ ба афкори умум ва ташаккули маданияти сиёсӣ вобастагии бевосита дорад. Агар паёми сиёсӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳадаф расад ва иртибот самаранок бошад, таъсири он ба муҳити сиёсии кишвар намоён хоҳад буд.

Пайдоиши платформаҳои нави рақамӣ ва истифодаи васеи интернет, бахусус дар замони васеъ шудани истифодабарии телефонҳои мобил, нақши шабакаҳои иҷтимоиро дар муоширати сиёсӣ куллан дигар кард. Дар ҷомеаи рақамӣ, фарқ аз ҷомеаи анъанавӣ, дигар наметавон маркази ягонаи иттилоот ва тавоноии назорати комили сиёсиро нигоҳ дошт.

Пайдо гаштани интернет ва тадриҷан густариш ёфтани шабакаҳои иҷтимоӣ дар ибтидои асри XXI иртиботи сиёсиро ба марҳилаи сифатан нав бурд. Аз ҳамин давра истилоҳҳои «иртиботи сиёсӣ дар сатҳи байналмилалӣ», «иртиботи сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ва «медиаи ман» ба вуҷуд омада, шакли фаъолият ва таъсири сиёсиро дигаргун сохтанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз на танҳо муҳити мубодилаи иттилоот, балки як арсаи фарохи бархӯрд, тарғиб, қувваозмоии афкор ва ташаккули нерӯи сиёсӣ гардидаанд. Онҳо имкони фарогир барои иртиботи сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам меоранд, зеро мундариҷаи онҳоро институтҳои байналмилалӣ, коршиносони кишварҳои гуногун ва корбарони одӣ ҳамзамон дидан ва арзёбӣ мекунанд.

Таҳлили сиёсии рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои интернет дигар як бахши иловагии илм нест, балки ба унсури калидӣ барои дарки сиёсат, идоракунии ҷамъиятӣ ва танзими муносибатҳои давлату ҷомеа табдил ёфтааст.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун фазои нави муоширати сиёсӣ нақши калидиро дар рушди ҷомеа мебозанд. Пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ тарҳҳои муоширати сиёсиро ба куллӣ тағйир додааст. Дар ҳоле ки расонаҳои анъанавӣ (телевизион, чопӣ ва радио) қаблан арсаҳои асосии баҳсҳои сиёсӣ буданд, имрӯз платформаҳои онлайн ба сиёсатмадорон ва шаҳрвандон имкон медиҳанд, ки мустақиман дар вақти воқеӣ муошират кунанд. Тибқи таҳқиқот, платформаҳои маъруфи шабакаҳои иҷтимоӣ («Facebook», «YouTube», «Instagram», «Twitter», «VKontakte», «Telegram» ва ғайра) ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсат, таъсири назаррас мерасонанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ аз як тараф демократияро ғанӣ месозанд: онҳо имконияти иштироки сиёсиро зиёд мекунанд, садои гурӯҳҳои беовозро ба фазои сиёсӣ ворид менамоянд, шаффофияти амалҳои давлатиро боло мебаранд ва барои назорати шаҳрвандӣ шароит фароҳам меоранд. Аммо аз тарафи дигар, шабакаҳои иҷтимоӣ ба афзоиши ихтилоф, таҳрифи далелҳо, ба вуҷуд омадани «ҳубобҳои иттилоотӣ», маҳдуд шудани гуногунандешӣ

ва ҳатто ба дахолати беруна имконият фароҳам меоранд, аз ҷумла, паҳн гардидани фейкҳо тавассути гурӯҳҳои хориҷии манипулятивӣ.

Тадқиқоти таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ба марҳилаи комилан рушд расидааст ва ин падида ҳам дар рафтор, ҳам дар муҳити сиёсии корбарон таъсири амиқ мегузорад. Тибқи омори байналмилалӣ, имрӯз ду се ҳиссаи аҳолии ҷаҳон ҳар моҳ аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд, ва қариб 94% истифодабарандагони интернет ба як платформаи иҷтимоӣ ворид мешаванд. Корбари миёна дар ҳафта тақрибан 18 соатро ба шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамояд ва дар чандин платформа ҳамзамон ҳузур дорад, ки ин нишондиҳандаи дараҷаи баланди фаъолият ва вобастагии иттилоотии ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, хулоса намудн мумкин аст, ки рафтори сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ инчунин ба қобилияти корбарон дар ташкили амалҳои оммавӣ таъсир мерасонад. Маҳз тавассути паҳншавии зуд ва хосияти вирусии иттилоот ҳаракатҳои сиёсӣ, эътирозҳо, маъракаҳои иттилоотӣ ва мавҷҳои радикалӣ қувват мегиранд. Ҳодисаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар фазои рақамӣ радикализм ва экстремизм бештар аз ҳама ба воситаи ҳадафгирии равонии ҷавонон инкишоф меёбад.

Дар ниҳоят, рафтори корбарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба як омили ҳалкунанда дар таҳаввулоти сиёсӣ ва рушди ҷомеа табдил ёфтааст. Он метавонад ҷомеаро ба сӯи рушди демократӣ равона созад, аммо метавонад ба шиддатгирии ихтилоф, парокандагии таҷзиякунанда ва паҳншавии равандҳои хатарноки идеологӣ низ роҳ кушояд. Таҳлили илмии рафтори корбарон, дарки равандҳои иттилоотӣ ва шинохти механизмҳои пинҳонии радикалишавии ба ҳар давлат барои таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ зарур аст.

Дар зербоби 3.3. **«Таъсири ҳуқумҳои сиёсӣ, иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ»** таъкид шудааст, ки Дар муҳити муосири воситаҳо, майдонҳо ва равандҳои иттилоотӣ набардҳои иттилоотӣ равшан ба назар мерасад, ки тамоюл аз шаклҳои суннатии паҳнсозии иттилооту таблиғот ба усулҳои нозуктару амиқтари таъсири иттилоотию равонӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Ин шакли таъсир, ки дар даҳсолаҳои аввали асри XXI ба яке аз самтҳои асосии мубориза барои таъсир расонидан  ба зеҳну шуури инсон табдил ёфтааст, маҷмӯи амалҳои махсусан ҳадафмандонаро дар бар мегирад, ки ба тағйир додани ҳолати равонии ботинии афрод ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ равона гардида, тарзи ҷаҳонбинӣ, низоми андешаҳо, муносибатҳои устувор, ангезаҳо, арзишҳои ташаккулёфта ва қолабҳои рафтории онҳоро тадриҷан дигаргун месозад.

Таъсиргузории иттилоотию равонӣ аз он ҷиҳат аз воситаҳои иттилоотиву таблиғот фарқ мекунад, ки пояи асосии он ба механизмҳои пешниҳод, таъсири эҳсосӣ ва роҳҳои таъсиррасонии ғайримустақим устувор мебошад. Агар усулҳои таблиғотӣ бештар ба боваркунонии

мантиқӣ ва далелҳои ақлонӣ такя кунанд, нерӯи таъсиргузории иттилоотию равонӣ дар сатҳи зершуур фаъол мешавад ва қабулкунандагонро водор месозад, ки маъноҳои фиристодашудаи иттилоотиро бе ташхису таҳлили интиқодӣ қабул намоянд.

Самаранокии ин навъи таъсир пеш аз ҳама ба сатҳи пасти зиракӣ ва дарки интиқодии гурӯҳҳо ва ашхоси зери ҳадаф қарор дошта вобаста аст. Ҳар қадар шуур камтар фаъол бошад, ҳамон қадар имкони ҷойгузории маъноҳои ирсолшуда ба шуур ва зершуур бештар мегардад. Мақсади ниҳоии ин равишҳо, ки мутахассисони соҳаи набардҳои иттилоотӣ онро пайваста дунбол мекунанд, ба вуҷуд овардани рафтори мушаххаси дилхоҳ дар миёни қишрҳои осебпазир мебошад.

Яке аз механизмҳои асосии таъсиррасонии иттилоотӣ пешниҳоднамоии иттилоот мебошад, ки ҳамчун раванди махсус ташкилшуда ва мақсадноки интиқоли иттилоот, ки барои қабул тарҳрезӣ шудааст ва барои таҳияи вокунишҳои рафтории пешакӣ муайяншуда ба гирандагон равона шудааст. Таъсири пешниҳоднамоии иттилоотӣ ҳам воситаҳои шифоҳӣ - калимаҳо, нутқ, изҳорот ва ҳам доираи васеи ишораҳои рамзиро истифода мебарад, ки дар баъзе мавридҳо баробар самаранок мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки имову ишораҳо, ифодаҳои чеҳра, тасвирҳои визуалӣ, амалҳои мушаххас ё тақлидҳои намоишии онҳо метавонанд ҷузъи шифоҳии пешниҳодро тақвият ё ҳатто иваз кунанд.

Яке аз воситаҳо ва омилҳои асосии баланди таъсиргузории иттилоотию психологӣ ВАО мебошад, ки дар зеҳни аксари мардум нисбат ба иттилооте, ки тавассути матбуот, радио ва телевизион нашр мегардад, сатҳи баланди эътимод вуҷуд дорад.

Яке аз роҳҳои муассиртарини таъсири иттилоотию психологӣ паҳнсозии овозаҳо мебошанд, зеро онҳо ба хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа зуд таъсир мегузоранд ва қобилияти таҳлилии мардумро заиф месозанд.

Тарсофаринӣ ё барангехтани ҳисси тарс яке аз усулҳои муҳимми таъсири иттилоотию равонӣ ба шумор меравад, ки ҳадафи он ташаккули ҳолати тарсу изтироб дар шуури объект нисбат ба хатарҳои воқеӣ, таҳрифшуда ё комилан сохташуда мебошад.

Шакли дигари таъсири иттилоотию равонӣ ин фишори эҳсосӣ ё фурӯнишондии эмотсионалӣ мебошад, ки тавассути он дар шуури гурӯҳҳои мақсаднок ҳолатҳои шиддатёфтаи изтироб, беҳолӣ, апатия ва ҳатто депрессия барангехта мешаванд.

Яке аз усулҳои махсуси таъсири иттилоотию равонӣ ташаккул додани ҳолатҳои эмотсионалии таҷовузкорона ба шумор меравад, ки ҳадафаш бедор кардани эҳсосоти хашмолуд, шубҳанокӣ, душманӣ ва нафрат дар шуури ҷамъиятӣ мебошад.

Манипулятсия бошад, шакли мураккаби таъсири иттилоотию равонӣ мебошад, ки дар он субъект талош мекунад объекти мақсаднокро ба

амалҳои дилхоҳ, вале ноаён ва ғайримустақим водор созад. Хусусияти марказии манипулятсия пинҳон будани нияти воқеӣ ва истифодаи равандҳои психологӣ барои тағйир додани фикр, қарор ва рафтори объект мебошад.

Тақвияти андоза ва шиддати рӯёрӯии иттилоотӣ дар оғози асри XXI бевосита ба ташаккули фазои глобалии иттилоотӣ ва суръати бесобиқаи рушди технологияҳои навини рақамӣ вобаста аст. Ин технологияҳо имконияти паҳнсозии бесарҳад ва назоратнашавандаи иттилооти манфӣ, номаълуми манбаъ ва анонимиро фароҳам овარданд, ки метавонанд дар муддати хеле кӯтоҳ ба аудиторияи миллионнафарӣ дастрас гарданд.

Тағйироти сифатӣ дар низоми технологияҳои иттилоотии муқовимат ҳамон вақт ба амал меояд, ки воситаҳои нави муоширати оммавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, подкастҳо, платформаҳои энсиклопедияи онлайнӣ ва дигар расонаҳои рақамӣ ба ҳаёти иттилоотии ҷомеа ворид гардиданд. Бо пайдоиши ин навъи масс-медиа, истифодабарандагони интернет дигар танҳо қабулкунандагони пассиви иттилоот нестанд.

Дар шароити муосир шабакаҳои иҷтимоӣ ба минбари паҳншавии хабари бардурӯғ ва иттилооти ҳадафмандонаи сиёсӣ табдил ёфтаанд. Дар ин раванд нақши асосӣ ба зиммаи ботҳо гузошта шудааст.

Бавуҷудоии «бухрони зеҳнӣ» дар шароити таъсири ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ яке аз хосиятҳои асосии воқеияти набардҳои иттилоотиро ташкил медиҳад. Дар даҳсолаҳои охир дар шароити рушди равандҳои сиёсӣ ва шуури ҷамъиятӣ тағйироти чашмрасе ба амал омада истодааст, ки дар натиҷа шиддат гирифтани ҳуҷумҳои иттилоотию равонӣ ба амал омадааст. Доираҳои илмӣ-сиёсӣ дар бораи системаҳо ва равандҳои сиёсӣ бо мушкилоти наве рӯбарӯ мешавад, ки бо ин падида алоқаманд аст. Яке аз паёмадҳои асосии чунин ҳамлаҳо ба вуҷуд омадани бӯҳрони зеҳнӣ - шароите мебошад, ки дар он шуури ҷамъиятӣ бо таҳрифи иттилоот ва тақаллуб бо ҳадафи тағйири афзалиятҳои сиёсӣ ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ таҳдид мекунад.

Таҳдидҳо ва хатарҳои ҳамлаҳои иттилоотию психологӣ имрӯз ба яке аз воқеиятҳои бунёдии ҷаҳони виртуалии муосир табдил ёфтаанд. Яке аз тамоюлҳои хоси марҳалаи глобаликунонӣ афзоиши доираи таҳдидҳои ғайриҳарбӣ мебошад, ки ба устуворӣ ва амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар ҷомеаи иттилоотии муосир, дар баробари зуҳури хатару таҳдидҳои нав, нақши қувваҳои ғайриҳарбӣ, технологияҳои идоракунии ҷаҳонбинӣ ва танзими идеосфераи аҳолӣ ба манфиати таъсиси назорат ва интиқоли механизмҳои идоракунии беруна аҳамияти хос касб менамояд.

Хулоса, баррасии масъалаи таъсири ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ вобаста ба яке аз нишонаҳои фарққунандаи давраи муосир рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ акутуалӣ мебошад.

Боби чорум - «**Назорати платформаҳои иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ»** ба таҳлили масъалаҳои назорати платформаҳои иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин боб нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун майдони фаъоли баҳсҳои иҷтимоию сиёсӣ ва арсаи асосии набардҳои иттилоотӣ баррасӣ гардида, механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва рафтори сиёсӣ таҳқиқ мешаванд. Ҳамзамон, масъалаи бархурди манфиатҳо дар платформаҳои иттилоотӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифта, хосиятҳо, шаклҳо ва моҳияти ин равандҳо дар заминаи рақобати геополитикӣ ва манипулятсияи иттилоотӣ ошкор мегарданд. Дар ин баробар, ба таҳлили мафҳуми соҳибихтиёрии иттилоотӣ, инчунин хусусиятҳои муҳимми таъмин ва таҳкими он бахшида шуда, роҳҳо ва механизмҳои институционалӣ, ҳуқуқӣ ва технологӣ барои ҳифзи фазои миллӣ-иттилоотӣ ва тақвияти амнияти иттилоотӣ асоснок карда мешаванд.

Зербоби 4.1. **«Шабакаҳоҳи иҷтимоӣ – майдони баҳсҳои сиёсӣ барои набардҳои» -** шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити муосири рақамикунонии ҷомеа тадриҷан ба фазои калидии ташаккул ва рақобати доираҳои иҷтимоию сиёсӣ табдил ёфта, ҳамчун инфрасохтори нави таъсиррасонии иттилоотӣ амал менамоянд. Ин платформаҳо на танҳо воситаи муоширaт, балки муҳити стратегии мубориза барои идоракунии афкори ҷамъиятӣ, шаклдиҳии мавқеъҳои сиёсӣ ва татбиқи сенарияҳои манипулятивӣ гардидаанд. Платформаҳое чун «Facebook», «X (Twitter)», «YouTube» ва «TikTok» бо истифода аз алгоритмҳои паҳнсозии мундариҷа имконият фароҳам меоранд, ки иттилоот бо суръати баланд ба аудиторияҳои васеъ интиқол ёбад, эҳсосоти оммавӣ фаъол гардад ва рафтори сиёсӣ самтгирӣ шавад. Дар чунин муҳит шабакаҳои иҷтимоӣ ба майдони фаъоли набардҳои иттилоотӣ мубаддал мегарданд, зеро маҳз дар онҳо бархӯрди манфиатҳои акторҳои сиёсӣ, рақобати идеологияҳо, истеҳсоли ахбори ҳадафманд ва ташкили маъракаҳои ҳамоҳангшудаи иттилоотӣ сурат мегирад.

*Шабакаҳои иҷтимоӣ то кадом андоза метавонанд омили таҳдид ва хатарҳо бошанд.* Замони иттилоотӣ набардҳои иттилоотӣ ва идеологии навъи навро ва вуҷуд овард, ки бештар дар фазои маҷозӣ ва махсусан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешаванд. Фазои сиёсиву иттилоотии давлатҳои муосир имрӯз дар муҳосираи таҳдидҳои мураккабу бисёрсамта қарор дорад, ки ба сифати хатарҳои гибридӣ ва ҳамлаҳои кибернетикӣ зуҳур мекунанд. Раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби назарияпардозони модернизатсия ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи рушди ҷомеаи муосир арзёбӣ мешавад. Баён шудани он ки иштироки инсон дар муҳити маҷозӣ нишонаи тамаддун ва мутобиқшавии ӯ ба воқеияти зеҳнии асри XXI мебошад, худ натиҷаи баррасиҳои назариявӣ ва таҷрибаи иҷтимоии чандинсолаи кишварҳои пешрафта аст.

Дар асл, рад кардани иштироки инсон дар ҷаҳони иттилоотӣ на аз нигоҳи мантиқи таҳлил дуруст аст ва на аз дидгоҳи равиши воқеиятнигарӣ. Зеро фазои маҷозӣ ба таври табиӣ инсонро ба худ ҷалб мекунад ва иштироки ӯро ҳамчун унсури зарурии фаъолияти иҷтимоӣ талаб менамояд. Фазои иттилоотӣ бе ҳузури корбарони худ наметавонад мавқеи воқеии иҷтимоӣ пайдо кунад, зеро мушаххасият ва ҳаётбахшии он маҳз аз фаъолияти инсонӣ бармеояд. Аз тарафи дигар, муҳити маҷозӣ ба як навъ бозори меҳнати фарогиру беқайд табдил ёфтааст, ки дар он ҷойҳои корӣ барои ҳар кас, новобаста аз миллат, ҷинс, нажод, синну сол ё мақоми иҷтимоӣ таъмин шудаанд. Ҳарчанд мазмуни ин муҳтаво баъзан аз меъёрҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ берун мемонад, аммо ба ҳар сурат барои корбарон роҳи дастрас ва зудбаҳраи даромад ба шумор меравад.

Нақши ин шабакаҳо дар ташкили дигаргуниҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои эътирозӣ бори аввал дар соли 2011 бо шиддат ва рӯшанӣ ошкор гардид, вақте ки рӯйдодҳои маъруф ба «Баҳори Араб» кишварҳои зиёдеро фаро гирифт. Дар ин давра, шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла «Twitter» ва «Facebook», ба ташаббускорон ва иштирокдорони эътирозҳо имкон доданд, ки фаъолиятҳои худро ба таври фаврӣ ҳамоҳанг созанд, маводи иттилоотиро зуд паҳн намоянд ва оммаи мардумро ба ҳаракатҳои эътирозӣ ҷалб кунанд. Бисёре аз таҳлилгарон ин равандро «инқилоби интернетӣ» номиданд ва ҳатто истилоҳҳои «инқилоби твиттерӣ» ва «инқилоби фейсбукӣ» низ дар баҳсҳо ва доираҳои таҳлилии илмӣ ва журналистӣ ҷойгоҳ аҳаммиятнок пайдо карданд. Дар ҳамон айём, дар моҳи феврали соли 2011, сомонаи расмии шабакаи иттилоотии «Ал-Ҷазира» дар таҳлили воқеаҳои «Баҳори Араб» хулосае иброз намуд, ки ба таври возеҳ моҳияти таъсиргузории шабакаҳои иҷтимоиро нишон медиҳад: «Иттилоот - неру аст. Дар асри иттилоот YouTube, Facebook ва Twitter ба силоҳи нави сафарбарсозии омма табдил ёфтаанд» [69; 70].

Набардҳои иттилоотие, ки дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешаванд, аз самаранокии баланд таъсиррасонӣ бархурдор мебошанд. Суръати паҳншавии иттилоот, дастрасии осон, имкони ҳамоҳангсозии пинҳонии мақсадҳои муборизаи сиёсӣ, густариши назарфиребии сиёсӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки онҳо ба сифати восита ва ё майдони набардҳои иттилоотӣ мубадал гарданд. Шиддати хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба афзоиши вобастагии ҷомеа аз онҳо, манбаъҳои рақамии иттилоот пайваст мебошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, аз як тараф махсусияти дугонаро соҳиб мебошад. Аввал, онҳо имконоти ҷомеаи маданиро тақвият дода, муҳити шаффофи сиёсӣ ва мубодилаи босуръати иттилоотро фароҳам меоранд. Дуюм, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун манбаи ҷиддии таҳдидҳо барои амнияти миллӣ, устувории сохторҳои ҳокимият ва паҳншавии ҳаракатҳои радикалӣ баромад мекунанд. Ҷангҳои геополитикӣ низ дар ин фазо шиддат меёбанд, зеро қудратҳои ҷаҳонӣ аз платформаҳои

рақамӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати «қудрати нарм», фишангҳои киберӣ ва абзорҳои таъсиррасонии хориҷӣ истифода менамоянд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ бояд на ҳамчун воситаҳо ва механизмҳои одии технологӣ, балки ҳамчун фазои муҳими рақобати сиёсӣ ва манбаи шаклгирии неруи муқовиматии иттилоотӣ арзёбӣ карда шаванд. Ин заруратро воқеияти нави замони иттилоотӣ, ҷаҳони рақамӣ ва афзоиши нақши иттилоот дар системаи амнияти миллӣ ва геополитикӣ тақвият медиҳад.

Дар зербоби 4.2 масъалаи **«Арзёбии бархурди манфиатҳо дар платформаҳои иттилоотӣ: хосиятҳо ва моҳияти онҳо»** матраҳ гардидааст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ собит шудааст, ки воситаҳои иттилоотӣ дар раванди муосири бархӯрди манфиатҳои давлатҳо ва элитаҳои сиёсӣ нақши ҳалкунанда доранд. Онҳо ба шуури ҷомеа таъсир расонда, раванди қабули қарорҳоро дар сатҳи идорӣ шакл медиҳанд, фаъолшавӣ ё ғайрифаъолшавии гурӯҳҳои иҷтимоиро ба ҳаракат меоранд ва тавони муттаҳид ё пароканда кардани ҷомеаро доро мебошанд. Дар платформаҳои иттилоотӣ, ки имрӯз ба муҳити асосии мубодилаи иттилоотӣ-маърифатӣ табдил ёфтаанд, бархӯрди манфиатҳо шакли нав гирифта, аз рақобати оддии иттилоотӣ ба низоми мураккаби мубориэаи стратегӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина элитаҳои кишварҳо талош доранд, ки ин фазоро ҳамчун «майдони рақобат» истифода баранд ва тавассути механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ аз паҳнсозии иттилооти дорои муҳтавои ҳадафманд то сохтани системаи асосёфтаи иттилоотии идоракунии афкори ҷамъият, манфиатҳои худро ҳимоя намоянд.

Ҳар гуна бархурди манфиатҳои дар фазои иттилоотӣ бо истифодаи иттилооти таҳрифшуда ҳамроҳ аст. Ҳадафи чунин иттилоот на фаҳмондани воқеият, балки тағйирдиҳии сатҳи руовариҳои шунаванда, водор кардани ӯ ба амалҳои нодуруст ва беэътиборсозии иттилооти воқеӣ мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки воқеият пинҳон шавад, тасаввуроти ҷамъиятӣ таҳриф гардад ва тамоюлҳои аслӣ дар инкишофи ҷаҳони муосир ноаён гарданд.

Платформаҳои иттилоотӣ, ки имрӯз ба сифати муҳити асосии бархӯрди манфиатҳо амал мекунанд, аз марзҳои муқаррарии низомиён ва мунокишаҳои анъанавӣ фаротар рафтаанд. Саволи муҳим он аст, ки ин бархӯрд дар куҷо ҷараён мегирад ва кадом қувваҳо ба «азнавбарномарезӣ»-и шуури ҷамъият машғуланд? Ҷавоб равшан аст, маркази ин раванди рақобат Интернет мебошад, ки худ аз маҷмӯи платформаҳои гуногуни иттилоотӣ иборат аст ва барои ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ муҳтавои мақсаднок пешниҳод мекунад.

Ин платформаҳои иттилоотӣ ба субъектони сиёсӣ ва гурӯҳҳои манфиатдори иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки аз воситаҳои таъсиррасонии иттилоотӣ барои ҳифзи нуфуз, нигоҳ доштани сохтори қудрат, идоракунии

афкори ҷамъият ва барқарорсозии афзалиятҳои иҷтимоӣ истифода намоянд. Бо эҳтимоли дигар, бархӯрди манфиатҳо метавонад натиҷаи зуҳури субъетони нави сиёсӣ бошад, ки барои соҳиб шудан ба қудрат талош меварзад. Дар ин ҳолат, набардҳои иттилоотӣ бо сохтани системаи сунъии арзишҳо, таҳрифи арзишҳои мавҷуда, бозофаринии таърихи ҷамъият ва таҳияи «ҳикояҳо»-и нав анҷом меёбад, ки метавонанд тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ҷомеаро ба таври куллӣ тағйир диҳанд.

Афзоиши нуфузи платформаҳои иттилоотӣ ва табдили онҳо ба майдони бархӯрди манфиатҳо метавон ба натиҷа расид, ки мубориза барои тасвир, рамз ва маъно, яъне ҷанги имиҷҳо, имрӯз яке аз самтҳои асосии рақобати ҷаҳонӣ гардидааст. ВАО, Интернет ва захираҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки амалиёти махсуси таъсиррасонӣ, аз ҷумла тавлиди симои манфӣ аз рақиб, густариши эҳсоси бегонашавӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ, тағйир додани маънои фарҳангӣ, шинохти тамаддунӣ ва таърихӣ бо самаранокии бештар анҷом дода шавад.

Сиёсат нисбат ба дигар намудхои фаъолияти ҷамъиятӣ бештар ба воситаҳои махсуси мубодилаи ахбор, барқарор намудан ва нигоҳ доштани алоқаҳои доимии байни субъектҳои он эҳтиёҷ дорад. Аммо, на ҳама вақт мубодилаи афкор тарафи мусбии инкишофи муносибатҳои сиёсиро ифода мекунад. Он дар қолаби таъсиррасонии итилоотӣ ба раванди бархурди манфиатҳо такони бевосита мерасонад.

Воситаҳои ахбори омма имкониятҳои калон доранд, ки на танҳо ба дарк намудани падидаю ҳодисаҳои алоҳидаи сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандон, балки умуман муносибати онҳо ба сиёсат фаъолона таъсир расонанд. Ҳам тасавуроти сиёсии аҳолӣ аз руи ин ё он масъала ва ҳам фаъолияти оммавии он бевосита ба мавқеи матбуот дар ин масъала вобаста аст.

Воситаҳои иттилоотӣ, ки аз телевизион, радио, рӯзномаҳо, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ иборатанд, ҳамчун канали асосии интиқоли иттилоот ва хабарҳо амал мекунанд. Давлатҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор, ки манофеи худ дар заминаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ доранд, барои даст ёфтан ба мақсадҳои худ аз ин воситаҳо ва майдони таъситррасонӣ истифода мекунанд.

ИМА ин платформаҳоро барои паҳн кардани идеологияи фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии худ ва инчунин барои назорат кардани рӯзномаи иттилоотии ҷаҳонӣ фаъолона истифода мебарад. Ҳамзамон, ИМА санҷиши технологияҳо ва ширкатҳои интернетиро афзоиш медиҳад, қонунҳои зиддимонополӣ ҷорӣ мекунад ва бузургҷуссаҳои иттилоотию технологӣ тафтиш мекунад.

Бархӯрди манфиатҳо ва ҷангҳои иттилоотӣ дар платформаҳои иттилоотӣ ва интернетӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи геополитикаи муосир ва стратегияҳои амнияти миллӣ гардиданд. Дар замони рақамишавӣ ва ҷаҳонишавӣ платформаҳои интернетӣ дар паҳн кардани иттилоот, таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва ҳатто дар равандҳои сиёсӣ нақши калидӣ

доранд. Бо чунин рушди босуръати технологӣ, усулҳои анъанавии таъмини амнияти миллӣ бо хатарҳои нави рақамӣ таҳдид мекунанд, ки зарурати эҷоди стратегияҳои инноватсионии ҳифзи манфиатҳои давлатҳо ва таъмини амнияти онҳоро ба вуҷуд меорад.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҷангҳои иттилоотӣ дар Интернет ба воситаи ҷудонашавандаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ табдил меёбанд. Ҳама кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аз интернет ва платформаҳои иҷтимоӣ ҳамчун василаи таъсиррасонӣ ба сиёсати дохиливу хориҷии давлатҳои дигар истифода мекунанд. Мисол кӯшишҳои сершумори дахолат ба интихоботи кишварҳои дигар, паҳн кардани хабарҳои қалбакӣ ва маълумоти бардурӯғ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин таъсиси “аккаунт»-ҳои қалбакӣ ва маъракаҳои мақсадноки иттилоотӣ барои таҳрики афкори ҷомеа мебошанд.

Майдонҳои иттилоотӣ ва интернет-платформа ҳамчун абзори қудрат метавонад ба раванди сиёсӣ, аз интихоботу моҷаро то ба муносибатҳои дипломатӣ таъсир расонад. Манфиатҳои геополитикии қудратҳои бузург, дар шароити авҷгири таъсири бештари инттилоот ба сиёсат ва равандҳои сиёсӣ ҳарчи бештар тавассути назорати платформаҳои иттилоотӣ ва интернетӣ амалӣ мешаванд, ки боиси низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ва миллӣ мегардад. Дар ҳоле ки кишварҳои ғарбӣ дар платформаҳои интернетии ҷаҳон бартарӣ доранд, давлатҳои дигар мекӯшанд системаҳои алтернативӣ барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва назорати рақамии худ эҷод кунанд.

Дар зербоби 4.3. масъалаи **«Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми таъмин ва таҳкими он»** баррасӣ ва натиҷагирӣ ёфтааст. Мафҳуми соҳибихтиёрии иттилоотӣ ифодаи қобилияти давлат дар самти ҳифз ва идораи мустақили фазои иттилоотии худ мебошад, ки тавассути танзими ҷараёнҳои иттилоотонӣ, ҷамъоварӣ, коркард ва паҳни иттилоот, ахбор ва таъмин намудани амнияти инфрасохтори рақамӣ аз таъсир ва дахолати беруна амалӣ мегардад. Афзоиши вобастагии ҷомеа аз низомҳои иттилоотӣ ва рақамӣ зарурати дарки шаклҳои нави зоҳиршавии соҳибихтиёрии давлатиро дар фазои киберӣ ба миён меорад.

Назарияи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ҷанбаҳои гуногуни ин падида, аз ҳуқуқиву техникӣ то сиёсиву фалсафиро фаро гирифта, моҳияти онро дар тавоноии давлат барои қабули қарорҳои мустақил дар муҳити рақамиву иттилоотӣ таҷассум мекунад. Таҳлили хусусиятҳои асосии ин назария имкон медиҳад, ки аҳамияти он дар ташаккули сиёсати муассири давлатӣ дар бахши амнияти иттилоотӣ ва дар муайянсозии ҷойгоҳи соҳибихтиёрии иттилоотӣ дар сохтори муносибатҳои байналмилалии муосир равшан гардад.

«Шарти зарурии пайдоиши мафҳуми «истиқлолияти иттилоотии давлат» «ба миён омадани чунин шакли «ҳамла» ба давлат, ба мисли маҳдуд кардан (ё қатъ кардан) ҷараёни иттилоот тавассути шабакаҳои байналмилалии компютерӣ, бунёди «деворҳои иттилоотӣ» дар атрофи

душман, ё баръакс, пахши маълумоти бардурӯғи иғвобарангезона, эҷоди бесарусомонии компютерӣ ва ғайра буд» [66].

«Ҳодисаи воқеии ба амал омадани истифодаи дастовардҳои соҳаи иттилоот дар заминаи ҳифзи субот ва амнияти ҷаҳонӣ зарурати татбиқи принсипҳои баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳалли осоиштаи баҳсу ихтилофҳо, рад намудани истифодаи зӯрӣ, худдорӣ аз дахолат ба корҳои дохилии кишварҳо ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсонро пеш овард» [60, с. 3].

«Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ҳуқуқи давлат барои мустақилона ташаккул додани сиёсати иттилоотӣ, идоракунии ҷараёни иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ, новобаста аз таъсири беруна мебошад. Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ҳама гуна ҷузъҳои марбут ба соҳаи иттилоотии давлатро дар бар мегирад» [65].

Соҳибихтиёрии иттилоотӣ қисми таркибии соҳибихтиёри давлатӣ эътироф гардида, мустақилияти давлат дар назорат ва идораи фазои иттилоотӣ мебошад. Тасмимгириҳои давлат дар фазои иттилоотӣ аз дараҷаи ҳимояшавандагии арзишҳо ва тамаддуни миллӣ - шаҳрвандиаш дарак медиҳад.

Баъд аз таҳлили мантиқии масъалаи соҳибихтиёрӣ ва эҳтиёҷоти амиқ барои муайян кардани ҷанбаҳои дахлдори онро, мехоҳем якчанд нуқтаи муҳимро баррасӣ кунем. Аввал, ба назар мерасад, ки мафҳуми истиқлолият танҳо бо «қудрати олӣ дар корҳои дохилӣ ва истиқлолият дар муносибатҳои беруна» маҳдуд намешавад. Вале, дурусттар аст, ки истиқлолиятро ҳамчун моликияти қобилияти тавоноӣ ва ихтиёрдории давлат дар дохили худ ва соҳиби ҳуқуқи мустақилона амал кардани он дар арсаи байналмилалӣ дурусттар донista шавад. Дуюм, агар соҳибихтиёрии иттилоотии давлатро ҳамчун навъе аз соҳибихтиёрии давлатӣ маънидод кунем, муфидтар аст, ки онро на ҳамчун ҳуқуқи истисноии давлат, балки ҳамчун волоият ва истиқлолияти давлат дар соҳаи иттилоот таъриф кардан имкон дорад. Сеюм, мафҳуми «соҳаҳои асосии функсионалӣ (вазифаҳои) давлат» метавонад баҳсбарангез бошад, зеро вазифаҳо нишонаи самтҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои сиёсӣ ба шумор мераванд. Ба ибораи дигар, вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти давлатӣ, аз ҷиҳати назария ва амалӣ, ҳарду категорияи ҷудогонаи сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Чорум, кӯшиш барои муайян кардани соҳибихтиёрӣ бо истифода аз вазифаҳои идораи давлатӣ маҳдуд аст, зеро ин ду мафҳум.

Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ду самтро дар бар мегирад. Як самти он аз ҷиҳати техникӣ ва дигараш аз ҷиҳати идеологӣ. Аз нигоҳи техникӣ, соҳибихтиёрӣ дар соҳаи иттилоот бо таъсис ва рушди инфрасохтори миллӣ дар доираи истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, ба монанди шабакаҳои иҷтимоии худӣ, механизмҳои ҷустуҷӯии иттилоотии миллӣ, нармафзорҳои миллӣ, системаи пардохтҳои электронӣ ва дигар қарорҳои инноватсионӣ вобаста аст. Аз ҷониби дигар, ҷанбаи идеологӣ ба ҳокимият

дар соҳаи идеологияи расмии давлат ва эҷоди идеяи миллӣ, инчунин баланд бардоштани фарҳанги оммавии мардум, нигарониро дар мавриди таҳкими системаи таблиғотӣ ва такмили қонунгузорӣ дар соҳаи иттилоот таҷассум мекунад.

Хулоса, назарияи соҳибихтиёрии иттилоотӣ як равиши мукаммали илмии сиёсӣ мебошад, ки ба таҳияи асосҳои консептуалии чаҳорчӯбаҳои стратегӣ, ҳуқуқӣ ва техникии ҳифзи иттилоот ҳамчун захираи стратегӣ барои давлат равона шудааст

Боби панҷум ба масъалаи **«Пешгирии хавфу хатари набардҳои иттилоотӣ дар раванди раванди рақамикунонӣ»** бахшида шуда, ҷанбаҳои калидии таъмини амният, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳияи сенарияҳои ғолиб омадан дар муҳити рақобати иттилоотӣ мавриди таҳлили фарогир қарор мегиранд.

Дар доираи зербобт 5.1 **«Муҳиммияти таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳияи стратегияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ»** - роҳҳои муассири муқовимат ба таъсиррасониҳои иттилоотӣ баррасӣ мегардад. Халалдор гардидани амнияти иттилоотӣ метавонад оқибатҳои манфии сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дошта, ба ноором шудани равандҳои дохилӣ мусоидат кунад.

Бо ҳамин далел, таҳлили таҳдидҳои асосии низоми амнияти иттилоотӣ, соҳаи рақамӣ, ки бо набардҳои иттилоотӣ алоқаманданд, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба таҳкими чораҳои ҳифзи фазои иттилоотӣ мебошад, мақоми асосиро касб намудааст. Масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди ҳамагонии рақамикунонӣ ва низоъҳои иттилоотӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд, ки муносибати ҳамаҷонибаро ба ҳифзи иттилоот дар ҳама сатҳҳо тақозо дорад.

Набардҳои иттилоотӣ дар асри XXI воситаи нави эҷоди хатар ва расонидани зарар ба низоми амнияти иттилоотии субъектони рақобатҳои платформаҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар арсаи сиёсӣ, дар мубориза байнидавлатӣ аслиҳаи иттилоотӣ ниҳоят муҳим аст. Ҳодисаҳое, ки таваҷҷӯҳи ҷомеаро ба худ ҷалб кардаанд, майдони мубориза барои бартарияти иттилоотӣ мебошанд. Ин аст, ки аксарияти ВАО ба муносибатҳои сиёсие, ки дар байни мамлакатҳои иштироккунанда инкишоф ёфтаанд, такя мекунанд.

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити набардҳои иттилоотии вусъатёбанда маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба ҳифзи системаҳои иттилоотӣ, додаҳо, инчунин пешгирӣ ё кам кардани зарар аз таъсири таҳдидҳои беруна ва дохилӣ, ки бо манипулятсияи иттилоотӣ, маълумоти бардурӯғ ва ҳамлаҳои киберӣ алоқаманданд, равона карда шудаанд. Дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ, ки истифодаи пуршиддати технологияҳо ва платформаҳоро барои таъсир ба афкори ҷамъиятӣ, равандҳои сиёсӣ ва

сохторҳои иҷтимоӣ дар бар мегирад, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ махсусан муҳим мешаванд.

Моҳияти амнияти иттилоотӣ дар шароити набардҳои иттилоотӣ аз таъсиси системаи ягонаи муҳофизатӣ иборат аст, ки якпорчагӣ, махфӣ ва дастрасии иттилоот, инчунин устувории фазои иттилоотиро аз ҳамлаҳои мақсаднок, маъракаҳои назарфиребонаи сиёсӣ ва таъсироти идеологияҳои радикалӣ дар фазои иттилоотӣ ба шуури ҷомеа таъмин менамояд. «Ин система тадбирҳои техникӣ (аз қабили рамзгузорӣ, системаҳои ошкорсозии ҳамлаҳо, ҳифзи киберии шабака ва назорати дастрасӣ), танзими ҳуқуқӣ, расмиёти ташкилӣ ва тадбирҳои баланд бардоштани саводнокии иттилоотии шаҳрвандонро муттаҳид месозад, ки на танҳо барои муайян ва пешгирии таҳдидҳо, балки инчунин барои вокуниши фаврӣ ба ҳодисаҳои рухдода имкон медиҳад» [63].

Сенарияи ғолиб омадан дар бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ тавассути набардҳои иттилоотӣ як қатор усулҳо ва стратегияҳоеро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо ҳимояи манфиатҳо, таъмини амнияти иттилоотӣ, заиф кардани рақибон ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ тавассути назорат бар ҷараёни иттилоот мебошад. Дар шароити муқовимати сиёсӣ набардҳои иттилоотӣ метавонанд омили ҳалкунанда дар мубориза барои қудрат гардад, зеро он на танҳо ба афкори мардум, балки ба дарки бозигарони асосии сиёсӣ, ҳизбҳо, институтҳо ва ҳатто фаъолони байналмилалӣ низ таъсир мерасонад.

Таъсири мақсаднок ба гурӯҳҳои асосии аҳолӣ як қисми ҷудонашавандаи стратегияи муваффақ шудан дар набардҳои иттилоотӣ мебошад. Технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки платформа ё худ майдонҳои иттилоотии ҳузури умумии шунавандагонро ба таври муассир ҳадаф қарор диҳанд, ки ин имкон медиҳад маводҳои таблиғотӣба таври дақиқ ҳадафрас бошанд. Дар ин замина муҳим аст, ки ҷомеаро ба гурӯҳҳои алоҳидаи дорои манфиатҳо, афзалиятҳо ва ақидаҳои гуногун тақсим кард, то ки роҳҳои мувофиқтарин барои паҳн кардани иттилоот интихоб карда шаванд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳои фаврӣ, блогнависон ва пешвоёни афкор имкон медиҳад, ки паёмҳои зарурӣ ба ҳар яке аз ин гурӯҳҳо расонида шавад. Масалан, вазъи сиёсиро метавон ба ҷавонон ҳамчун мубориза барои ҳуқуқу озодиҳои худ ва ба пиронсолон ҳамчун таҳдид ба суботу амнияти кишвар муаррифӣ кард. Муҳим он аст, ки иттилоот то ҳадди имкон фардӣ ва дастрас бошад ва эҳсосот омили асосии тағйирот дар афкори ҷамъиятӣ гардад.

Дар шароити афзоиши миқёс ва шиддати набардҳои иттилоотӣ, модели таъмини пирӯзӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ бознигарии бунёдии мафҳуми амнияти миллиро талаб менамояд, ки дар он иттилоот ҳамчун унсури марказӣ ва воситаи асосии таъсиррасонӣ баррасӣ мегардад. Дарки воқеияти муосир нишон медиҳад, ки дастёбӣ ба бартарият дигар танҳо бо такя ба абзорҳои анъанавии ҳарбӣ маҳдуд намешавад, балки тавассути

муборизаҳои иттилоотӣ, идоракунии ҳадафмандонаи афкори ҷамъиятӣ, тавлид ва паҳнсозии иттилооти дорои самти стратегӣ, инчунин истифодаи расонаҳои навин ҷиҳати таъсиргузорӣ ба иштирокчиёни калидии бархӯрдҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ амалӣ мегардад. Набардҳои иттилоотӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи муноқишаҳои гибридӣ мебошанд, таҳияи стратегияҳои ҳамаҷониба, ки дифоъи киберӣ, идоракунии самараноки ҷараёни иттилоот ва вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳоро дар бар мегиранд, талаб мекунанд.

Зербоби 5.2. ба таҳлили **«Афзоиши набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба сатҳи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, хусусиятҳои таҳдидҳои муосир ва оқибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва амниятии онҳо ошкор карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дорои мавқеи ҳассоси геополитикӣ ва дар марҳилаи таҳкими асосҳои амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёрии рақамӣ қарор дошта, ба таъсири набардҳои иттилоотӣ бештар дучор мегардад. Таҳдидҳо метавонанд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иртиботии пӯшида ва муҳитҳои рақамии фаромиллӣ ворид шаванд. Зуҳуроти идеологияҳои бегона, паёмҳои таҳрикомез, муҳтавои сохтаю таҳриффӣ ва ҳамлаҳои равонии ҳадафманд метавонанд ба суботи миллии кишвар таъсири мустақим расонанд.

Арзёбии пажӯҳишӣ нишон медиҳад, ки набардҳои иттилоотӣ барои амнияти миллии Тоҷикистон маҷмӯи хатарҳои стратегиро ба миён меоранд, чунончи. Ба монанди: заифшавии устувории муҳити идеологӣ ва фарҳангӣ, барангехтани эътирозҳои сунъӣ тавассути муҳтавои иттилоотӣ, коҳиши эътимоди мардум ба ниҳодҳои давлатӣ, таҳдид ба соҳибихтиёрии иттилоотӣ аз ҳисоби дахолати бозигарони хориҷӣ, густариши экстремизм ва радикализм тавассути шабакаҳои рақамӣ, афзоиши ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохторҳои давлатӣ.

Таҳлилҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки набардҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури калидии рақобати геополитикӣ ба амнияти иттилоотии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва таҳияи стратегияҳои мутобиқшаванда, пешбурди сиёсати самараноки ҳифзи фазои иттилоотӣ, инчунин ташаккули муҳити устувори идеологӣ ва сиёсиро ногузир мегардонанд. Дар ниҳоят, таъмини амнияти иттилоотии устувор кафолати суботи миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва имкони рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ нисбат ба афкори ҷамъиятии кишвар маҷмӯи амалиётҳои ҳадафманди равонӣ ва иттилоотӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки онҳоро метавон ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба устувории сиёсӣ ва амнияти миллии давлат арзёбӣ намуд. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон 26 январи соли 2021 зимни ироаи Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳамияти ҷиддии ин масъала ба таври бамаврид таъкид намуданд, ки «хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд» [3].

Айни ҳол, бо ҳадафи халалдор намудани суботи сиёсӣ ва кӯшиши тағйири сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалҳои дурӯғсозӣ ва иғвоангезӣ аз ҷониби фаъолони ташкилотҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла ТЭТ-и «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Паймони миллии Тоҷикистон» ва «Гурӯҳи 24», ба мушоҳида мерасанд. Дар баробари ин, як қатор дигар ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳои террористию экстремистӣ низ ба чунин фаъолияти номатлуб машғул буда, амнияти иттилоотӣ ва устувории сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳадаф қарор медиҳанд. Моҳияти ин амалҳо ба барангехтани нафрат, хашм ва ҳисси бадбинӣ дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа нисбат ба давлат ва ҳукумат, густариши доираи мухолифон ба сиёсати давлатӣ ва дар маҷмӯъ, ба ташаккули фазои тарс, изтироб ва ноумедӣ дар ҷомеа равона шудааст.

Дар алоқамандӣ бо ин масъала, дар «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташаккули сиёсати иттилоотию имиҷии давлат низ ба инобат гирифта шуда, ҷиҳати татбиқи ин сиёсат андешидани чораҳои зерин пешниҳод мегардад:

- «бо дастгирии давлат таъсиси рӯзномаи оммавӣ бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, қирғизӣ ва забонҳои дигар, бо нархи дастрас, ки он ба таври рамзи муайян ва ҳимоя карда мешавад;
- истифодаи густурдаи имкониятҳои мубодилавии шабакаҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ барои тавсеаи фазои иттилоотӣ;
- дар шабакаҳои глобалӣ ва минтақавӣ ташкили ҳузури онлайн, конфронсҳои аудио ва видеои интернетӣ, омӯзиши афкори омма, нашри мавод;
- таъмини дастрасии воситаҳои ахбори омма барои шаҳрвандон аз тариқи интишори рӯзномаҳои пуриттилоъ ва хушсифат аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ва арзон кардани хизматрасонии почта;
- таҳия ва такомули воситаҳои эҷод ва муаррифии имиҷ, яъне маҷмӯи технологияҳои рекламавӣ, сиёсӣ ва PR оид ба коркарди консепсияи сиёсати иттилоотию имиҷӣ барои хориҷиён бо назардошти хусусият ва навъҳои фарҳангҳои миллӣ».

Муборизаҳои иттилоотии замони муосир барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ роҳандозӣ мегарданд. Дар чунин шароит иттилоот ва манбаъҳои он ҳамчун омили калидии рушд

арзёбӣ шуда, мақоми захираи стратегии давлат ва ҷомеаро касб менамоянд. Агар дар иқтисодиёти анъанавӣ меҳнат ва сармоя нақши асосӣ дошта бошанд, дар иқтисодиёти иттилоотӣ арзиши дониш, иттилоот ва қобилияти коркарди он ба омили ҳалкунанда табдил меёбад. Иттилоот ҳамзамон ҳамчун маҳсулоти иқтисодӣ ва ҳамчун қувваи истеҳсолӣ баромад намуда, метавонад хариду фурӯш гардад ё ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ, мудофиа ва ҳатто фишор алайҳи рақибон истифода шавад.

Рушди устувори тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла истеҳсолот, идоракунии давлатӣ, мудофиа, алоқа, нақлиёт, энергетика, низоми молиявӣ, илм, маориф ва васоити ахбори омма ба сатҳи рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар ва дараҷаи ҳимоятшавандагии он аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ вобастагии мустақим дорад. Дар чунин шароит муборизаҳои иттилоотӣ ба унсури калидии равандҳои сиёсӣ табдил ёфта, ба яке аз шаклҳои асосии рақобат ва муқовимати муосир мубаддал мегарданд.

Дар ҳамин замина, силоҳи иттилоотӣ ҳамчун унсури калидии ҷангҳои иттилоотӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Ин вазъият барои баъзе гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ифротӣ имконияти мусоид фароҳам овардааст, то ки тавассути фазои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба шуур ва афкори муҳоҷирон таъсири мақсаднок расонанд. Дар ин замина, як қатор ташкилотҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла ТЭТ - и «Ҳизби наҳзати исломӣ», гурӯҳи экстремистии «Гурӯҳи 24», инчунин ташкилоти террористию экстремистии «Паймони миллии Тоҷикистон» ва фаъолону пайравони онҳо маъракаҳои густурдаи таблиғотиро роҳандозӣ намудаанд, ки ҳадафи асосии онҳо тағйир додани мавқеи сиёсӣ ва ҷаҳонбинии муҳоҷирон мебошад.

Дар ин раванд нақши Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон махсусан муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин паёмҳо масъалаҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои кибертерроризм, паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ тавассути шабакаҳои иттилоотию интернетӣ, инчунин хатарҳои вобаста ба таҳмили арзишҳои фарҳангии бегона мавриди таҳлили амиқ қарор мегиранд. Ҳамзамон, роҳбари давлат бо мақсади пешгирии чунин таҳдидҳо ба сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифа ва супоришҳои мушаххас пешниҳод намуда, сиёсати давлатии иттилоотиро ба унсури муҳими таъмини амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоию сиёсӣ табдил медиҳад.

Нақши асосиро дар таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» нақши калон мебозад. Дар моддаи 23 қонуни мазкур қайд гардидааст, ки «дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намудани маводи интишорӣ, намоишҳои телевизионӣ ва пахши радиоии воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, ки мазмуни онҳо амнияти миллиро халалдор месозад; ифшо

кардани иттилооти хизматӣ ва дигар иттилооти ба манфиатҳои давлат алоқаманд, манъ аст» [1, м. 23].

Хулоса, дар солҳои охир як қатор давлатҳои ҷаҳон бо мақсади таҳкими мавқеи худ дар фазои иттилоотӣ ва ба даст овардани бартариятҳои стратегӣ дар ин самт ба коркард ва татбиқи технологияҳои гуногуни ҷангҳои иттилоотӣ рӯ овардаанд. Ин тамоюл танҳо ба субъектҳои давлатӣ маҳдуд нагашта, дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ ба таври рӯшан мушоҳида мегардад. Дар чунин шароит ҷангҳои иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи амалиятҳои мақсадноки таъсиррасонии иттилоотӣ тавассути паҳн намудани паёмҳо, маълумот ва матолиби гуногунмазмун татбиқ мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо тағйир додани афкор, рафтор ва мавқеи сиёсӣ ё иҷтимоии аудиторияҳои муайян мебошад.

Дар воқеъ, унсурҳои муборизаи иттилоотӣ дар шакли паҳн намудани овозаҳо, анҷом додани фаъолияти истихборотӣ, истифодаи хабарҳои бардурӯғ ва ҳамзамон муқовимат бо чунин амалҳо дар тӯли таърихи ҳамаи ҷангҳо вуҷуд доштанд. Бо вуҷуди ин, бо пайдоиш ва рушди технологияҳои иттилоотии муосир ҷангҳои иттилоотӣ тадриҷан шаклҳои анъанавии бархӯрди ҳарбиро дар бисёр мавридҳо иваз намуда, ба яке аз абзорҳои самараноки рақобати сиёсӣ ва геостратегӣ табдил ёфтанд. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа дар замони муосир ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва ҳатто аввалиндараҷаи сиёсати амнияти миллӣ табдил гардидааст.

Дар охири асри XX дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва равандҳои сиёсии кишварҳои гуногуни ҷаҳон таъсири амиқ расониданд. Рушди босуръати васоити ахбори омма, густариши васеи мошинҳои электронии ҳисоббарор, аз ҷумла компютерҳои фардӣ, ворид гардидани шабакаи интернет ба ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа, инчунин пайдоиши технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва навовариҳои техникии марбут ба онҳо натиҷаи бевоситаи пешрафти илмию техникии ин давра маҳсуб меёбанд. Ин таҳаввулоти ҷаҳонии технологӣ ба равандҳои сиёсӣ ва ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири ҷиддӣ расонидаанд.

Дар зербоби 5.3. - **«Хатарҳои шабакавӣ дар раванди таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҳамчун унсури муҳими таҳдидҳои рақамӣ таҳқиқ гардида, мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ, осебпазирии инфрасохторҳои рақамӣ ва зарурати такмили механизмҳои институтсионалӣ ва технологӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешаванд.

Дар марҳилаи нави давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремизми иттилоотӣ, махсусан терроризми иттилоотӣ таҳдиду хатарҳои гуногунро эҷод намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пасошӯравӣ дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор

рафта, дар раванди бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат бо таҳдиду хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавад. Дар ин раванд, таъсири терроризм ва экстремизм низ ба суботи сиёсии Тоҷикистон хеле зиёд ба назар мерасад. Чунин ҳолатро бо омилҳои мазкур асоснок намудан мумкин аст:

Зиёда аз 97% аҳолии Тоҷикистон пайравони дини ислом мебошанд. Мутассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз охирҳои замони шӯравӣ сиёсишавии ислом оғоз гардида буд ва чунин омил дар аввал боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва сипас дар байни як гурӯҳ ҷавонон паҳн шудани тундгароии исломӣ шуд. Дар тӯли 70 соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ имконияти ба роҳ мондани таълими динии расмӣ мавҷуд набуд. Аз ин лиҳоз, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар фазои идеологии кишвар ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ ба осонӣ роҳ ёфтан. Зеро аҳолии кишвар аз лиҳози маънавӣ имкони ҷудо намудани исломи таҳаммулгаро аз исломи тундгароро надоштанд. Масъалаи ташаккули маданияти динию мазҳабии ҷавонон, ҳанӯз ҳам ташвишовар мебошад. Зеро гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ҳанӯз ҳам ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, як зумра ташкилотҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла «Ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати Толибон», «Ихвон-улмуслимин» ва монанди инҳо кӯшиш менамоянд, ки бо роҳи таблиғоту ташвиқот ва мағзшӯии аҳолӣ ва махсусан ҷавонону наврасон онҳоро ба сафҳои худ ҷалб созанд. Барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ ташкилотҳои террористии мазкур шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва технологияҳои иттилоотии замони муосирро фаъолона истифода менамоянд. Дар чунин ҳолат, мо бо падидаи терроризми иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешавем.

Ҳар сол қисми муайяни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ меоранд, ки дар таркиби асосии онҳо ҷавонон мақоми калидӣ доранд. Маҳз ҳамин гурӯҳи иҷтимоӣ, ки дар шароити дурӣ аз фазои иҷтимоию идеологии ватан қарор мегирад, ба яке аз ҳадафҳои осебпазири таъсиррасониҳои иттилоотию психологӣ табдил меёбад. Аз чунин вазъият бархе аз сохторҳои ифротгаро ва террористӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, фаъолона истифода мебаранд. Аз ҷумла, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24» ва «Паймони миллии Тоҷикистон» дар муҳити муҳоҷирони меҳнатӣ ба паҳн намудани ғояҳои тундгароии динию сиёсӣ машғул гардида, кӯшиш менамоянд ҷаҳонбинӣ ва мавқеи сиёсии онҳоро таҳти таъсири худ қарор диҳанд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ Facebook, YouTube, WhatsApp, Facebook Messenger, WeChat, Instagram, TikTok, Twitter ва ғайраҳо ба яке аз каналҳои асосии паҳншавии иттилоот дар фазои ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд.

Платформаҳои муосири рақамӣ бо фарогирии васеи аудитория ва суръати баланди интиқоли маълумот имконият фароҳам меоранд, ки иттилоот дар муддати кӯтоҳ ба доираи васеи истифодабарандагон дастрас гардад. Дар натиҷаи рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ибтидои асри XXI шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун муҳимтарин воситаи муоширати байнишахсӣ ва ҳамзамон ҳамчун сарчашмаи муҳими иттилоотӣ мавқеи устувор касб намуданд.

«Терроризми иттилоотӣ дар марҳилаи нави ташаккулёбии давлатдории миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди пуриқтидор ба шумор меравад. Зеро ҳолатҳои гуногуни ҷалб гардидани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафи ташкилотҳои террористӣ ба қайд гирифта шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари онҳо ба воситаи шабакаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардидаанд. Тибқи оморҳои мавҷуда дар амалиётҳои ҷангии Сурия дар сафи ҷангиёни ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» зиёда аз 1900 шаҳрванди Тоҷикистон иштирок намудааст» [64]. Як қисми онҳо дар ҳудудҳои Федератсияи Россия мағзшӯӣ гардида, аз он ҷо ба Сурия ва Ироқ интиқол ёфтаанд. «Аз рӯи омори соли 2017, ки Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, дар сафҳои «Давлати исломӣ» зиёда аз 1094 шаҳрванди Тоҷикистон иштироки фаъол доштаанд. Аз онҳо 400 нафар сокинони вилояти Хатлон, 272 нафар аз вилояти Суғд, 254 нафар аз ноҳияҳои тобеи марказ, 139 нафар сокинони шаҳри Душанбе, 26 нафар сокинони ВМКБ мебошанд. Таҳлилгарони Федератсияи Россия бо боварии комил иброз намудаанд, ки 85% онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд ва дар ҳудудҳои Россия аз ҷониби мубаллиғони «Давлати исломӣ» мағзшӯӣ гардидаанд» [22, с. 18].

Дар натиҷаи чунин таъсиррасониҳои идеологию психологӣ, қисми муайяни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои террористӣ ҷалб мешаванд, дар ҳоле ки қисми дигар пас аз бозгашт ба ватан дар дохили кишвар ба фаъолияти экстремистию террористӣ рӯ меоранд. Дар маҷмуъ, ин равандҳо на танҳо хатари мустақим ба амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд, балки ба суботи иҷтимоию сиёсӣ, якпорчагии ҷомеа ва устувории арзишҳои миллӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ, санаи 26 январи соли 2021 низ аз вазъи зоҳиршавии таҳдидҳои иттилоотӣ, бахусус терроризму экстремизми иттилоотӣ ёдовар гардида, иброз намуданд, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд» [2].

Коҳиш додани таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ, айни замон, яке аз масъалаҳои муҳимтарини мубориза бо ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Таҳлилҳои илмӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки безараргардонӣ ё коҳиш додани таъсири манфии фазои интернетӣ танҳо дар сурати таваҷҷуҳи комплексӣ ба як қатор масъалаҳои калидӣ имконпазир мегардад. Пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳ ва сифати маърифати иттилоотии аҳолӣ аҳамияти бунёдӣ дорад, зеро маҳз норасоии дониш ва тафаккури интиқодӣ заминаи асосии осебпазирии иҷтимоӣ дар баробари таблиғоти террористию экстремистӣ ба шумор меравад. Огоҳ намудани шаҳрвандон аз шаклҳо ва механизмҳои паҳншавии ғояҳои тундгароёна, усулҳои назарфиребӣ ва равандҳои мағзшӯии иттилоотӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ истифода мешаванд, ҷузъи муҳими сиёсати пешгирикунандаи иттилоотӣ маҳсуб мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори умумии низоми давлатии таъмини амнияти иттилоотӣ ба чаҳор унсури асосии амалишавии ҳокимияти сиёсӣ такя менамояд, ки ҳар кадом дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ ин самти фаъолиятро амалӣ месозанд. Ба ин унсурҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин ниҳодҳо дар доираи ваколатҳои конститутсионии худ дар ташаккул, танзим ва татбиқи сиёсати давлатии амнияти иттилоотӣ саҳми муайян мегузоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун субъекти рушди муносибатҳои иттилоотӣ ва таъмингари амнияти иттилоотӣ тӯли ду даҳсолаи охир хеле фаъолона ба роҳ монда шудааст ва марҳила ба марҳила такмил дода мешавад.

Қабули Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сиёсати иттилоотӣ, қонунҳои соҳаи иттилоотӣ дар ташаккули мундариҷаи ягонаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, муайян намудани таҳдидҳои иттилоотӣ, роҳу усулҳои муқовимат бо таҳдидҳои мазкур ва низоми таъмини амнияти иттилоотии кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ ҳамчун меъёри чоруми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши ҳалкунанда дорад. То ин дам дар самти рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мавриди истифода қарор додани онҳо дар соҳаҳои гуногун ва таъмини амният ва бехатарии онҳо, ки барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мусоидат намоянд, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардонида шудаанд. Аз ҷумла, соли 1999 «Дар бораи меъёрҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ», соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2003 Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданд, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Ғайр аз ин, соли 2001 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси шабакаи ҷумҳуриявии интиқоли маълумот ва меъёрҳои ба тартиб даровардани дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ», соли 2002 «Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2004 «Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010», «Барномаи давлатии ҷоринамоӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти миллии дар клавиатураи компютерҳо гузоштани рамзҳои алифбои забони тоҷикӣ», соли 2005 «Қоидаҳо оид ба шарту шароити ҳифзи иттилоот дар воситаҳои техникии коркарди иттилоот», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи истифодабарӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии рушду инкишоф, истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2011 «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд, ки онҳо низ дар раванди ташаккулёбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мамлакат марҳилаи сифатан навро ба амал меоранд. Бо ҳаимн тартиб, дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар мадди аввал қарор дорад.

## ХУЛОСА

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ набардҳои иттилоотӣ ба унсури ҳалкунандаи рақобати сиёсӣ, восита ва омили таъсиррасонии стратегӣ ва муҳити амниятии ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд. Баррасии илмии набардҳои иттилоотӣ ва тевсеи онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муҳити афзояндаи набардҳои иттилоотӣ ба шаклҳои навини ҳамлаҳои иттилоотию равонӣ, манипулятсияи шабакавӣ ва таъсиррасонии фаромиллӣ рӯбарӯ мегарданд, ки метавонанд суботи сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ ва амнияти иттилоотиро зери хатар қарор диҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон зарурати таҳкими сиёсати миллӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои стратегӣ, таъмин ва таҳкими амнияти иттилоотӣ, эҷоди механизмҳои устувори соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва баланд бардоштани қобилияти муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ-рақамӣ афзоиш меёбад. Дар фазои рақамии имрӯза, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ муҳаррикҳои асосии ташаккули афкори ҷамъиятӣ гардидаанд, давлат бояд иқтидорҳои миллӣ, инфрасохтори

ҳимояи иттилоотӣ ва тарҳи танзими фазои рақамиро мутобиқ ба талаботи амнияти муосир тақвият бахшад.

Таҳлили анҷомёфта гувоҳи он аст, ки таҳкими истиқлолияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амнияти иттилоотӣ танҳо дар асоси рушди стратегияҳои мукаммали амнияти иттилоотӣ, такмил додани сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии рақамӣ, рушди саводнокии иттилоотиву рақамии ҷомеа ва бунёди низоми мутобиқшавандаи муҳофизати фазои иттилоотӣ имконпазир мегардад. Ин хулосаҳо зарурати бознигарии парадигмаҳои анъанавии амният ва таҳияи сиёсати ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар фазои рақамӣ-иттилоотиро тақвият медиҳанд.

Бо такя ба ин, натиҷаҳои дар рафти пажуҳиши илмӣ ҳосилгардидаро ба таври зерин пешниҳод менамоем:

1. «Набардҳои иттилоотӣ» усули нави муборизаи сиёсӣ, аз ҷониби неруҳои рақиб, оппозитсияи дохилӣ, давлатҳои абаркудрат, субъектони бархӯрди тамаддунҳо, глобалистон ва федералистони навин мебошад. Чунин усули мубориза ва эҷоди хатару таҳдидҳои иттилоотӣ ва психологӣ музаффариятро дар «тахтаи бузурги шоҳмот» дар раванди “интихоби ҳукмрони ҷаҳонӣ ва лидери ҷаҳонӣ», дар равандҳои тамаддунгароӣ ва минтақагароӣ, глобаликунонӣ амалӣ мешавад. Мисоли равшанро мо метавонем дар раванди тамаддунгароӣ вобаста ба алоқаҳои милливу этникии иттиҳоди давлатҳои гуногуни тамаддунгаро бинем. Онҳо усулҳои омехта ва иттилоотии бархурд, набард ва муборизаи сиёсиро барои интегратсия ва тамаддунгароӣ, ки ба низоми бехатарӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳо метавонад таҳдид ва хатар бошад, истифода мебаранд» [М-1].

2. Набардҳои иттилоотӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи низоми муносибатҳои сиёсӣ гардида, равишҳои анъанавиро ба гузаронидани амалиёти дипломатӣ ва ҳарбӣ тағйир медиҳанд. Таҳдидҳои муосири марбут ба тақаллуби иттилоот аз давлатҳо тақозо мекунанд, ки стратегияҳои мувофиқ ва самараноки амнияти иттилоотиро таҳия кунанд, ҳамоҳангсозии амалҳоро дар соҳаи ҳифзи додаҳо беҳтар созанд ва барои мубориза бо тақаллуби иттилоот чораҳо андешанд. Дар шароити технологияҳои нав ва ҷаҳонишавӣ назорат бар фазои иттилоотӣ ва қобилияти муошрати стратегӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва набардҳои сиёсӣ ба омилҳои ҳалкунанда табдил меёбанд [М-2].

3. Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо тағйироти босуръати геополитикӣ, рақобати идеологӣ ва рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, набардҳои иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқот дар илми сиёсии муосир табдил ёфтаанд. Омӯзиши ин падида на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ касб мекунад, зеро он ба таъмини амнияти иттилоотии кишвар, таҳкими суботи сиёсӣ ва ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҷанги иттилоотии асри XXI, ки бештар хусусияти пинҳон, ғайрианъанавӣ ва

фарҳангию психологӣ дорад, тадқиқоти илмии мақсаднок ва системавӣ ба масъалаҳои идоракунии афкори умум, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизми «қудрати нарм» зарур ва саривақтӣ мебошанд. Бо вуҷуди таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқон ба ин мавзӯъ, то ҳол паҳлӯҳои зиёди набардҳои иттилоотӣ, аз ҷумла омилҳои сиёсии таъсиргузор, таҷзияи сохтории онҳо ва роҳҳои муқовимат ба чунин таҳдидҳо, ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд [М-3].

4. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар сиёсати давлатӣ на танҳо идоракуниро самараноктар мегардонад, балки имкониятҳои нави рушди устуворро низ фароҳам меорад. Ба шарофати рақамикунонӣ, ҳукуматҳо метавонанд равандҳои қабули қарорҳоро шаффофтар намуда, сатҳи дастрасӣ ба иттилоот ва иштироки шаҳрвандонро дар идоракунии давлатӣ тақвият бахшанд. Бо дарназардошти аҳамияти афзояндаи технологияҳои рақамӣ, давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммали рақамисозиро таҳия намуда, бо такя ба усулҳои самараноки идоракунӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ онҳоро татбиқ намоянд. Ба таври умум, технологияҳои рақамӣ парадигмаи нави рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро муайян намуда, боиси ташаккули як низоми идоракунии нав дар ҷаҳони рақамӣ мегарданд. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки онҳо барои ҳамаи давлатҳо зарурӣ мебошад, то рушди устувор ва рақобатпазирии миллӣ таъмин карда шавад [М-4].

5. Таъсири набардҳои иттилоотӣ ба рушди давлатҳо системавӣ аст. Институтҳои асосии ҳокимият, механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи иқтисодӣ ҳадаф қарор дода шудаанд. Ҳамлаҳои иттилоотӣ метавонанд бӯҳрони сиёсиро оғоз бахшанд, низоъҳои иҷтимоиро барангезанд, эҳсоси эътирозиро афзоиш диҳад ва ба вайрон кардани якпорчагии сиёсии давлатҳо заминагузорӣ кунанд. Дар натиҷаи таъсири мақсадноки иттилоотӣ раванди рушди устувор хеле мураккаб гардида, ислоҳоти модернизатсия суст шуда, фазои сармоягузорӣ бадтар мешавад ва сатҳи ноустувории сиёсиву иҷтимоӣ баланд мешавад [М-5].

6. Аз як тараф, оппозитсияи радикалии ҳукуматҳои миллӣ аз ин майдони иштироки озод ва ҳамагир истифода намуда, таъсиррасонии иттилоотию мафкуравиро ба одамон ва аъзоёни ҷомеаҳои давлатҳои миллӣ ва рӯ ба инкишоф ба амал мебароранд. Аз тарафи дигар, фазои иттилоотӣ майдони бархӯрдҳои иттилоотии сиёсӣ, тамаддуниву фарҳангӣ, иқтисодӣ ва милливу нажодӣ гаштааст. Чунин мазмун пайдо кардани руоварӣ ва иштироки одамон дар набардҳои иттилоотии фазои иттилоотӣ вазъи субот ва рушди ҷомеаоро халалдор мекунад. Бо роҳҳои таблиғотӣ ва таъсиррасонии мафкуравии иттилоотӣ аҳолии давлатҳоро бар зидди ҳукуматҳои миллии худашон равона мекунанд. Мардумро бар зидди худашон ва тамаддуну фарҳангашон сафарбар мекунанд [М-1].

7. Бӯҳрони зеҳнӣ дар шароити ҷангҳо ва набардҳои иттилоотӣ барои ҷомеа хатари ҷиддие эҷод карда, қобилияти шаҳрвандонро барои дарки

воқеъбинонаи иттилоот ва қабули қарорҳои оқилона халалдор мекунад. Мубориза бо ин бӯҳрон равиши ҳамаҷонибаеро талаб мекунад, ки таълим, дастгирии сарчашмаҳои босифати иттилоот, ҳалли технологӣ ва маорифи мардумиро дар бар мегирад. Танҳо бо талошҳои муштарак метавонад оқибатҳои манфии ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва психологиро ба ҳадди ақал расонида, солимии муҳити зеҳнӣ ва равандҳои демократиро ҳифз кард. “Буҳрони зеҳнӣ” натиҷаи зиёд шудани доираи таъсиррасонии ғоявию идеологии терористуну экстремистон дар фазои иттилоотӣ мебоошад. Хатарҳои иттилоотӣ ва кибертеррористӣ омили асосии ин навъи буҳрони ҷомеаҳои миллӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравaнд [М-6].

8. Майдонҳои иттилоотӣ ва интернет-платформа ҳамчун абзори қудрат метавонад ба раванди сиёсӣ, аз интихоботу моҷаро то ба муносибатҳои дипломатӣ таъсир расонад. Манфиатҳои геополитикии қудратҳои бузург, дар шароити авҷгири таъсири бештари инттилоот ба сиёсат ва равандҳои сиёсӣ ҳарчи бештар тавассути назорати платформаҳои иттилоотӣ ва интернетӣ амалӣ мешаванд, ки боиси низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ва миллӣ мегардад. Дар ҳоле ки кишварҳои ғарбӣ дар платформаҳои интернетии ҷаҳон бартарӣ доранд, давлатҳои дигар мекӯшанд системаҳои алтернативӣ барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва назорати рақамии худ эҷод кунанд. Бархӯрди манфиатҳо ва набардҳои иттилоотӣ дар асри иттилоот ва рақамӣ ба унсурҳои муҳимми сиёсати стратегӣ табдил ёфта истодааст, зеро тақаллуби иттилоотӣ ва ҳамлаҳои киберӣ на танҳо ба иқтисодиёт ва сиёсат, балки ба амнияти миллӣ низ таъсир мерасонад. Дар шароите, ки иттилоот ба як манбаи наве табдил ёфтааст, ки қудрат ва нуфузро таъмин мекунад, ҳифз аз таҳдидҳои иттилоотӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва маълумоти бардурӯғро таъмин мекунад, ба вазифаи асосии таъмини суботу амнияти кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ табдил меёбад [М-7].

9. Набардҳои иттилоотие, ки дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешаванд, аз самаранокии баланд таъсиррасонӣ бархурдор мебошанд. Суръати паҳншавии иттилоот, дастрасии осон, имкони ҳамоҳангсозии пинҳонии мақсадҳои муборизаи сиёсӣ, густариши назарфиребии сиёсӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки онҳо ба сифати восита ва ё майдони набардҳои иттилоотӣ мубадал гарданд. Шиддати хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба афзоиши вобастагии ҷомеа аз онҳо, манбаъҳои рақамии иттилоот пайваст мебошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, аз як тараф махсусияти дугонаро соҳиб мебошад. Аввал, онҳо имконоти ҷомеаи маданиро тақвият дода, муҳити шаффофи сиёсӣ ва мубодилаи босуръати иттилоотро фароҳам меоранд. Дуюм, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун манбаи ҷиддии таҳдидҳо барои амнияти миллӣ, устувории сохторҳои ҳокимият ва паҳншавии ҳаракатҳои радикалӣ баромад мекунанд. Ҷангҳои геополитикӣ низ дар ин фазо шиддат меёбанд, зеро қудратҳои ҷаҳонӣ аз платформаҳои рақамӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати «қудрати

нарм», фишангҳои киберӣ ва абзорҳои таъсиррасонии хориҷӣ истифода менамоянд [М-10].

10. Соҳибихтиёрии иттилоотӣ як равиши мукаммали илмии сиёсӣ мебошад, ки ба таҳияи асосҳои консептуалии чаҳорчӯбаҳои стратегӣ, ҳуқуқӣ ва техникии ҳифзи иттилоот ҳамчун захираи стратегӣ барои давлат равона шудааст. Бо дарназардошти глобаликунонии раванди иттилоот, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, мафҳуми соҳибихтиёрии иттилоот муҳиммияти хосса пайдо кардааст, зеро он мувозинати амнияти миллӣ ва қобилияти давлатро барои назорат кардани ҷараёни иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳҳои гуногун таъкид мекунад. Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ин равиши маҷмуӣ мебошад, ки ҳам ҷанбаҳои техникӣ ва ҳам идеологиро дар бар мегирад. Аз як тараф, ин ба эҷоди инфрасохтори миллии иттилоотӣ, муҳофизат аз таҳдидҳои берунии иттилоотӣ ва дахолати хориҷиён дахл мекунад, ва аз тарафи дигар, ба таъмини амнияти иттилоотии давлат тавассути меъёрҳои стратегӣ, ҳуқуқӣ ва системаҳои назоратӣ равона гардидааст. Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки соҳибихтиёрии иттилоотӣ барои таъмини субот ва амнияти давлат дар давраи рушди иттилоот ва воситаҳои рақамӣ як унсури бунёдӣ мебошад [М-8].

11. Бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши шумораи таҳдидҳои киберӣ, пешгирии хатарҳои киберӣ ҷанбаи муҳимми таъмини амният ва таҳкими истиқлолият мебошад. Таҳлили таҳдидҳои ҷорӣ ва равишҳои пешгирии онҳо нишон медиҳад, ки амнияти киберӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи банақшагирии стратегӣ дар ҳама сатҳҳо - аз сиёсати давлатӣ то идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ гардад. Таҳдидҳои муосири киберӣ дорои сатҳи баланди мураккабӣ ва гуногуншаклӣ мебошанд, ки онҳоро таҳдиди муҳимми иттилоотӣ месозад. Ҳамлаҳо метавонанд оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошанд, аз ҷумла дуздии маълумот, вайроншавии инфрасохтори муҳимми рақамӣ ва зарари низоми иқтисодии рақамӣ. Пешгирии самараноки хатарҳои киберӣ равиши ҳамаҷонибаеро тақозо мекунад, ки таҳия ва татбиқи стратегияҳои киберамният, тадбирҳои ҳифзи техникӣ, омӯзиши кормандон ва мониторинги доимиро дар бар мегирад. Ҳар яке аз ин унсурҳо дар эҷоди муҳити амнияти иттилоотӣ нақши муҳим мебозанд [М-11].

12. Дар шароити вусъати набардҳои иттилоотӣ сенарияи ғолиб омадан ва ҳифзи манфиатҳо муносибати навро ба амнияти миллӣ тақозо мекунад, ки дар он иттилоот воситаи асосии таъсиррасонӣ мегардад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки дар ҷаҳони муосир ғолибият на танҳо тавассути воситаҳои суннатии ҳарбӣ, балки бо роҳи мубориза҆о, набардҳои иттилоотӣ, идораи иттилоотии афкори ҷамъиятӣ, эҷод ва паҳн кардани иттилооти муфид ва истифодаи расонаҳои нав барои таъсир расонидан ба бозигарони асосии бархурдҳо ба даст меояд. Набардҳои иттилоотӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи мунокишаҳои гибридӣ мебошанд, таҳияи стратегияҳои ҳамаҷониба, ки

дифоъи киберӣ, идоракунии самараноки чараёни иттилоот ва вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳоро дар бар мегиранд, талаб мекунанд. Ҳимояи манфиатҳо дар чунин шароит на танҳо таҳкими системаҳои миллии иттилоотӣ ва эҷоди устуворӣ ба манипулятсияҳои беруна, балки инчунин фаъолона истифода бурдани захираҳои иттилоотии шахсии худро барои ташаккули ривоятҳои мусоид, ки ба аудиторияи дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонанд, дар бар мегирад. Сенарияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ дар қобилияти зуд мутобиқ шудан ба таҳдидҳои тағйирёбанда, истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ ва таҳияи механизмҳои мудофиавӣ, ки субот ва амниятро дар шароити васеъшавии фазои иттилоотӣ таъмин мекунанд, иборат аст [М-13].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки инсоният дар тули таърих дар баробари зуҳури таҳдиду хатарҳо ҳамеша ба механизмҳои ҳамгироёнаи ҷамъиятӣ барои безарар гардондани онҳо такя намудааст. Дар марҳилаи муосири рушди технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи набардҳои иттилоотӣ низ зарурати муттаҳидсозии ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба унсури калидии амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ табдил меёбад. Аммо хосияти ҷангҳои иттилоотиву идеологӣ ва афзоиши ҳамлаҳои фарҳангӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар бисёр маврид ба фурӯпошии ҳамгироии дохилӣ ва ташаккули муҳити нобасомон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дастгирии пояҳои ваҳдати миллӣ ва таҳкими муҳити амниятии иттилоотӣ барои муқовимат ба набардҳои иттилоотӣ аҳамияти ҳалкунандаро касб мекунад.

Инқилоби чоруми саноатӣ, густариши зеҳни сунъӣ ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ба мисли тағйирёбии сохтори бозори меҳнат, кухнашавии донишҳо, қафомонии технологӣ ва афзоиши эҳтимолии бекорӣ, барои давлатҳо мушкилоти иловагӣ ба миён меоранд. Бо назардошти ин воқеиятҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот тақозо менамояд, ки роҳи ҳалли ин мушкилот дар заминаи такмили қобилиятҳои кадрӣ ва таъмини омодагии доимии мутахассисон ба воқеиятҳои рақамӣ таъмин гардад. Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои мутахассисон дар назди донишгоҳҳои миллӣ, ҷалби донишмандон, мутахассисони донандаи технологияҳои нав, инчунин фароҳам овардани механизмҳои ҳавасмандсозӣ барои таъмини устувории низоми иттилоот ва амнияти иттилоотӣ тадбирҳое мебошанд, ки метавонанд ба муқовимати иттилоотӣ ва коҳиши осебпазирӣ дар фазои рақамӣ мусоидат намоянд.

Дар шароити шиддатёбии набардҳои иттилоотӣ, нақши рӯзноманигорон ва омӯзгорони дорои тафаккури таҳлилӣ ва дониши баланди иттилоотӣ махсусан муҳим мегардад. Ғайр аз ин ташкили низоми сохторӣ-воҳидии «киберартиш» муҳим мебошад. Маҳз онҳо метавонанд

иттилооти воридшавандаро коркард намуда, муҳтавои мутмаъин ва дур аз манипулятсияро ба ҷомеа пешниҳод созанд. Аз ин рӯ, зарурати омода намудани ин навъ зарфиатҳои иттилоотӣ-миллии соҳавӣ дар бахшҳои иттилооти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва фарҳангӣ яке аз самтҳои амалии амнияти иттилоотӣ маҳсуб мешавад.

Дар мубориза бо ҷноятҳои шабакавӣ, ба монанди экстремизм ва терроризми иттилоотӣ, нақши зиёиёну руҳониёни маҳаллӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳияи баромадҳо ва паёмҳои тарғиботии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ метавонад ба коҳиши раванди радикализатсия ва тавсеагардии набардҳои иттилоотӣ, ки ба косташавии соҳибихтиёрии иттилоотии Тоҷикистон ва назаротнамоии фазои иттилоотӣ оварда мерасонанд, мусоидат намояд. Идеологияи созанда ва арзишҳои миллии мутамаддин дар муқобили идеологияҳои ифротии шабакавӣ самараи бештар доранд.

Истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои муқовимати муассир ба набардҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи тарҳи консептуалии назарияи секюритизатсия, информатизатсияи миллӣ аҳаммияти хосса дорад. Дар ин тарҳ, шинохти таҳдидҳои иттилоотӣ, набардҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури марказӣ, бояд дар чор марҳилаи ташаккулёбии амният ба таври мушаххас амалӣ гардад. Инҳо метавонанд: дарки шароити тавсеаёбии набардҳои иттилоотӣ, муайянсозии таҳдид аз ҷониби субъектони таъмини амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёрии иттилоотӣ, таҳлили касбии ВАО ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа ва эътирофи ҷамъиятии зарурати тадбирҳои ҳукуматӣ. Танҳо дар ҳолате ки ин чор марҳила пайваста ва комилан ба ҳам пайванд амал кунанд, сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ метавонад ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад.

## НОМГӮЙИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**[1-м].** Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотӣ ҳамчун воқеияти сиёсии замони муосир (таҳлили назариявӣ ва консептуалӣ) [Матн] / Д. А. Саидзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No.2 (67). – С.349-360. ISSN: 2664-0651; EDN: FKYRKE.

**[2-м].** Саидзода, Д. А. Информационная война: теоретический и концептуальный анализ [Матн] / Д. А. Саидзода // Международный научный журнал Endless Light in Science. – 2024. – №4. – С.69-77. e-ISSN: 2709-1201.

**[3-м].** Саидзода, Д. А. Пешгирии хатарҳои кибернетикӣ ҳамчун таҳдиди иттилоотӣ омили таъмини амният ва таҳкими истиқлолият [Матн]

/ Д. А. Саидзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No.4-2 (70). – С.506-514. ISSN: 2664-0651; EDN: CRKGWP.
**[4-м].** Саидзода, Д. А. Воситаҳои иттилоотӣ - майдони бархурди манфиатҳои сиёсӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2024. – No.2. (2) – С.125-136. ISSN: 3078-395X; EDN: ORXHHM.
**[5-м].** Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ: таҳлили масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии он [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2024. – No. 3.(3) – С.146-158. ISSN: 3078-395X; EDN: LPWHSX.
